**МИРЗО КЕНҶА**

# ДАСТАГУЛИ ЁД



Душанбе
«Маориф ва фарҳанг»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
К-45

Муҳаррир *Шаҳрияи Адҳамзод*

К-45 **Мирзо Кенҷа. Дастагули ёд.** (Маҷмӯаи шеърҳо)
– Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2011, 120 саҳ.

Нигоштаҳои Мирзо Кенҷа барои покизагии рӯҳи инсони бунёдкор ва ҷомеаи зебо равона шудаанд. «Дастагули ёд» меҳрномаест ба аҳли зиё ва дигар ҳамзамонон, ки бо самимияти хосса ифода ёфтааст. Ин маҷмӯа ҳамчунин «Нӯшханд»-и шоир ва намунаи бозуфтаҳои ӯ аз адабиёти ҷаҳонро фарогир аст.

ISBN 978-99947-1-095-9

© Мирзо Кенҷа, 2011

# БАҲОРИСТОНИ ШЕЪРИ ШОИР

Чи дар адабиёти ниёгон ва чи дар адабиёти муосир шуарои зиёде бо номи Мирзо дорем, ки воқеан, эшон ҳама шоирони воломақоманд. Масалан, то имрӯз касе натавониста, ки мисли Мирзо Бедил ғазали андеша эҷод намуда ва ё чун устод Мирзо Турсунзода ҳамсарашро шоирона «ҷони ширин» номида бошад. Устод Мирзо Файзалӣ низ аз ин миён мустасно нест, балки имрӯз аз зумраи беҳтарин шоиронест, ки таронаҳои ватандӯстонаашон аз тариқи радио ва телевизион ҳамвора садо дода, фазои ҷони мухлисонашонро фатҳ намудааст.

Аммо дар ин навиштаҳо банда аз шоири ҷавон, ки низ Мирзо ном дорад, сӯҳбат хоҳам кард. Ба гуфтаи устод Гулназар, ман низ шеърҳояшро «пароканда хондаам», вале бо ин пароканда хондан низ дар онҳо оташакеро дарёфтаам. Дар нашриёти «Адиб» дидамаш, ки хеле хурсанд менамуд ва китобашро, ки тоза бо унвони «Панҷаи хуршед» нашр шудааст, бароям бо соядасте тақдим кард.

«Панҷаи хуршед»-ро варақ-варақ хондаму гармие аз шеъраш дар хеш эҳсос намудам ва пай бурдам, ки рӯҳи шоирона дар ашъораш ҳузур дорад.

«Панҷаи хуршед» бо шеъри «Арзи дил» оғоз мешавад. Мирзо аз оташи ишқи тозаи шеър, ки ба ҳарими ҷонаш афтодааст, изҳори шодӣ кардаву аз рӯҳи бузурги ниёгон мадад ва аз пирони хирад дасти дуо металабад. Ин ниёз дар ҷавҳари шеъраш ҷой гирифтаву гувоҳи он аст, ки шоир ба ҳувияти адабиёт, бавижа шеър, арҷ мегузорад:

*То зи пирони хирад дасти дуое мерасад,*
*Навсафар дар раҳ намемонад, ба ҷое мерасад.*
*Рӯзгори марди ориф чист? Яъне сӯхтан;*
*То насӯзад шамъ, аз ӯ кай рӯшноӣ мерасад.*

Дар шеъри дигараш, ки дар қолаби рубоӣ эҷод гашта ва «Маснади арҷ» номгузорӣ шудааст, ӯ Душанбе –шаҳри дарду шодӣ ва ишқу ормонҳои хешро ба қалами тавсиф кашидааст, ки хеле хонданист:

*Фархундаю фирӯзу ҳумоюншаҳрӣ,*
*Як мактаби сулҳу оштӣ дар даҳрӣ.*
*Борад зи ту рӯшноию нуру сафо,*
*Ҳаққо, дили поки Мовароуннаҳрӣ.*

Чуноне ки ҷону дили дунё ишқу муҳаббат аст, ҷони шеъру сухан низ ишқи покиза мебошад. Ва ишқ оби бақоест дар ҷони шоир ва эҷоди ӯ. Ана ҳамин ишқ дар ҷони шоири мо таъсир гузоштаву мондагор аст:

*Дар ғамат бо ранги зардам, зинда бодо ошиқӣ!*
*Шукри он к-аз аҳли дардам, зинда бодо ошиқӣ!*
*Ошиқӣ то зинда бошад, зиндагӣ поянда аст,*
*Эҳ, чӣ ширин аст ҳар дам! Зинда бодо ошиқӣ!*

Шеъри Мирзо Кенҷа мисли худаш «ханда ба лаб дорад» ва таскинбахши дил аст. Ӯ мисли баъзе ҳамқаламон ба шеъри ҳамзабононамон тақлиди ошкоро намекунад. Ҳар чӣ, ки менависад, маҳсули бархӯрдҳо, тахайюл ва лаҳзаҳои самимонаи зиндагиаш мебошад. Дар ошиқонаҳояш низ таркибҳо ва таъбирҳо сирф тоҷиконаанд. Хаёлпардозиҳои тоза ва нав ба навро метавон дар сари ҳар байт дарёфт:

*Ман туро мехостам, танҳо туро мехостам,*
*Хос аз байни ҷавонзанҳо туро мехостам.*
*Як баҳор аз лолаҳо бар гарданат кардам ҳамел,*
*Умрбод аз лолагарданҳо туро мехостам.*

Мухаммасбандӣ дар ашъори шуарои гузашта хеле маъмул аст ва дар ашъори Мирзо Кенҷа низ мухаммасҳоро дучор меоем, аз ҷумла бар ғазали устод Лоиқ Шералӣ «Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст», ки хеле равону хонданист.

*Ҳазорон шукри Эзид, бандаро ҳоҷат раво кардаст,*
*Ки арзонӣ диёри ҷаннатосое ба мо кардаст.*
*Диламро кӯҳсон пур, чашмаосо босафо кардаст,*
*«Замини сахти кӯҳистон дили нармам ато кардаст.*
*Дуруштам ҳар кӣ мехонад, хато андар хато кардаст».*

Яке аз вижагиҳои хуби кори ҳунарии Мирзо Кенҷа ин аст, ки шеърҳояшро дар қолабҳои анъанавии ғазал, мусамман, мухаммас, мусаддас, мустазод, рубоию дубайтӣ ва ғ. эҷод карда, мехоҳад дар асари ин озмоишҳо истеъдоди ҳунариашро такмил бидиҳад ва анвои суннатии шеърро дар зеҳн комилан ҳазм намуда, барои навовариҳои минбаъда замина бигузорад.

Дар қолаби рубоӣ мазмунеро гунҷондан на ба ҳама шоирон муяссар мегардад, вале Мирзо Кенҷа «дили рубоӣ»-ро хуб дарёфтааст:

*Сабзина маро «шумо-шумо» мегӯяд,*
*Бегонасифат сухан ба мо мегӯяд.*
*Гӯям, ки «шумо» нагӯй, бегона наям,*
*Аз ин батараш: «хуб, ако!» мегӯяд.*

Ё худ:

*Момои Адолат, мурамо дар қадамот,*
*Ман хондаму баркамол гаштам ба дуот.*
*Акнун дари хонадони Сабзиная кӯб,*
*Моҳонаи аввали ману як сарупот!*

Дар дубайтӣ низ Мирзо Кенҷа дасти боло дорад ва ҳар як дубайтияш аз ифтихор ва дарду шодӣ саршор аст:

*Ало эй пуштакӯҳи Хоҷамастон,*
*Нишемангоҳи Рустам – пури Дастон!*
*Матину пойдорӣ ҷовидона*
*Чу рӯҳи бешикасти Тоҷикистон.*

Ё худ:

*Ба ту ман бо дубайтӣ роз гуфтам,*
*Каме эҳсоси дилро бозгуфтам.*
*Ҳар он чӣ гуфтамат, гуфтам чу ошиқ,*
*На ҳамчун қофияпардоз гуфтам.*

Дар қисмати «Хандоханд»-аш низ, ба гуфти худаш «Мирзои Файзаливор», дар қолаби чаҳорпора зарофатҳои нозук дорад ва дарди рӯзро ба қалам додааст:

*Ду ронанда занозан*
*Карданд дар Масложир.*
*Сабаб пурсидам, гуфтанд:*
*«Аз барои пассажир».*

* * *

*Биснесменро духтур*
*Хеле муоина кард.*
*Як бало карда охир*
*Ӯро касал баровард.*

Ҳамин тавр, Мирзо Кенҷа чун устод Мирзо Файзалӣ дар ҷодаи ҳаҷвнависӣ низ ҳунарманд аст ва дар ҳаҷваш як навъ ҳақиқате ниҳон мебошад.

Бале, чун ашъори Мирзо Кенҷаро мехонед, эҳсос мекунед, ки нигоштаҳояш барои покизагии рӯҳи инсони бунёдкор ва ҷомеаи зебо равона шудаанд. Шеъри ӯ, ба қавле, «ба сад пироҳан» печонда нашудааст, балки мисли офтоб равшан аст, аз ин рӯ, гармиаш ба ҷони хонанда бештар мерасад.

Шоир мегӯяд:

*Хуш бош, дило, мулк баҳористон шуд,*
*Шоҳаншаҳи Миср вориди Канъон шуд.*
*Чун ахтари наҳс тира шуд дидаи ғайр,*
*То ахтари саъди тоҷикон тобон шуд.*

Хуб, мо низ орзу дорем, ки баҳористони шеъри шоир шукуфон ва ахтари саъди шеъраш ба сари хонандагон ҳамеша тобон бошад.

***Шаҳрияи АДҲАМЗОД***

# Ё Д А Ф Р Ӯ З



## КӮДАКОНИ ШАҲРИ БЕСЛАН
*(манзума)*

Бар асари ҳамлаи террористӣ ба мактаби №1-и шаҳри Беслани Иристони Шимолӣ 334 нафар одамон ҳалок шуданд, ки 186 нафарашон кӯдак буданд.

*Аз Интернет*

Кӯдакони шаҳри Беслан,
Ғунчаҳои лолаи бархоста аз турбати поки Сиёвуш!
Кафтаракҳои сафеди ошёни ҳикмату фан!
Шаддаи дурдонаҳои баршуда аз рӯдбори дидагонам,
Дона-дона доғҳои мондагор андар дили ман!

Ин ниҳебе, ки битарконад зи даҳшат
пардаи гӯши фалакро,
Эътирози хунчакони рӯҳи захмини ман аст.
Ин ғиреве, ки бирезонад зи шиддат
болу парҳои малакро,
Ғурриши оташфишони кӯҳи тамкини ман аст.

Кӯдакони шаҳри Беслан!
Бо шумо ман низ дар он гирудори ҳастию марг,
Балки рӯёрӯии меҳру муҳаббат бар танаффур,
бар разолат,
Байни маргафзорҳои инфиҷор,
Дар фишори морпечи симҳои ноқили маргу мусибат,
Рӯбарӯи чашмҳои хунгирифта, хашмбор
Бе сипар, бе болу пар уфтода будам.
Нимаҷону нимаурён,
лек нирӯманду ҷавшанпӯш аз меҳру садоқат
Рӯи дастони қавии афсари имдодгар ҷон дода будам!

Донишомӯзони Беслан,
Эй дили сӯзони Беслан!
Он сабоҳи Рӯзи дониш,
Ибтидои фасли хониш
Дастагулҳое, ки ҳамчун орзуҳои сафед оварда будед,
Ё чу гулгардонии Наврӯзи фаррухпай,
чу пайки субҳи ид оварда будед,
Балки аз гулбоғи сабзи маърифат
ҳамчун навид оварда будед,
Бо ҳазорон ҷилвапардозии армону
умед оварда будед,
Ҳасрато, андар кафи дастонатон гулхан шуданд,
Синфҳои барҳавою равшани мактаб
сияҳмадфан шуданд…

Кӯдакони шаҳри Беслан –
Чӯҷаҳои навпарубол,
Тифлакони поку маъсум,
Босафотар аз булӯру
поктар аз чашмасорони зулол!
Баъд аз ин
Ҳамчун падар, ҳамчун яке омӯзгор,
Беш аз ин,
Ҳамчу як инсон, чу фарди баркамол
То ба рӯзи ҳашр рӯҳамро ҳаме озурд хоҳад ин суол:
Насли инсон
Лаккаи нангу вуболеро, ки, инак, зад ба пешонӣ,
Худоё,
Бо чӣ хоҳад шуст оё?!
Бо сиришки талх ё бо хуни дил?!
Ё ҳамон як порае аз кӯҳнаколои шиори
«Маърифат, фарҳанг, ирфон!»?!

Баъд аз ин заҳҳокият,
Баъд аз ин сон бадтарӣ аз барбарӣ,
инсон,
ба қавле,
ин «аламбардори дунёи тамаддун»
бори дигар
ҳаққи даъвии мақоми хешро дорад магар?

Пас,
Худоё!
Номи он як мушт аз ҳамзоту ҳамҷинсони моро,
Ки шиору дастаки худ сохта исми шарифатрову
кешу мазҳабу номи азизу авлиёро,
Бар шарофатҳои инсон дастёзӣ мекунанд,
Балки бо тақдири инсон ҳарзабозӣ мекунанд,
Бар чаманзорони рӯҳаш турктозӣ мекунанд,
акнун дигар кун!
Нест гар пазруфтанӣ ин илтиҷоям,
Пас, маро махлуқе аз ғайри башар кун!
Баски дӯши ман надорад қудрати
бардошти ин сон вуболе,
То бипӯшонад ду чашмамро
аз ин сон манзари нодиданӣ,
ку
панҷаҳоямро маҷоле?!

Баъд аз ин
рӯҳи хиҷолаткуштаамро,
Рӯҳи маҷрӯҳи ба хун оғуштаамро
Кай тавонад кард дармон Бӯалӣ ҳам,
Кай шафоат мекунад Бурхи Валӣ ҳам.

Кӯдакони шаҳри Беслан!
Эй Сиёвушони марги бегуноҳӣ!

Аслу насли Ориё,
парвардагони рӯҳи пирӯзи Таҳамтан!
Гарчи Рустам хуфта дар зери замин аст,
Рахши ӯ бедору андар зери зин аст!
Ин ҳақиқат аз шарарҳои суми Рахш аст равшан,
Акс дар оинаи нашкастании рӯҳи ҷовиди
Ватаеви[1] таҳамтанофарин аст!

Кӯдакони шаҳри Беслан!
Эй дили хушмеҳри Беслан!
Номбардорони хоки мардпарварди Иристон!
Кӯҳҳои Тоҷикистон –
модарони сарсафеди Ориё –
ин ҳамҷаворони Худо,
ки ҳуқуқи модарӣ доранд рӯи ҷумла насли Осиё,
То ба имрӯз
дар фироқу доғатон обу адоянд,
Сар зада бар додгоҳи Довари Ҳақ,
Бо сиришки шашқатор
дошта аз домани адли Худоянд.

Кӯдакони шаҳри Беслан!
Панҷаҳои кӯчаки сӯи фалак бози шумо,
Ман аминам, мешаванд истора охир,
Бо зиё, бо рӯшноӣ
Мекунанд абри сияҳро пора охир.
То ки аз рӯи Замин зулмат гурезад,
То сиришки модаре дигар нарезад.

---

[1] Бимбулат Ватаев – ҳунарпешаи оситабор, ки дар филмҳои «Достони Рустам» ва «Достони Сиёвуш» Б.Кимёгаров нақши Рустамро офаридааст.

## ДИДОР
*(манзума)*

**1**

Ҳамин ҳоло,
дар ин субҳи ҳумоюн,
субҳи солеҳ,
субҳи атрафшон,
ки ҳастам даргузар аз ин деҳи шодобу
сабзи файзборон,
(деҳи маъруф бо номи накӯи Чоряккорон),
Зи шаҳроҳи Душанбею Ҳисори зарнисори Шодмон
танҳо ба танҳо бо ҳаёли ёд-афрӯзам,
нигоҳи гармрезам аз дари бикшодаи устод
ба саҳни ҳавлияш афтод.
Бидидам як назар аз дур ӯро:
ҷома бар тан,
чеҳрааш бишкуфтаю болидаю равшан
ва андар ҳолаи анвори субҳонӣ
нигоҳаш барқ мезад,
мӯю абрӯяш ҷило медод.
Зи паҳлӯи чунин озодамарде,
зи паҳлӯи чунин як марди фарде
дили кас мешавад, к-ӯ бе салому
бе каломе бигзарад оё?
Худоё!
Ин ба бедорист ё рӯъё
ва ё афсонаи ширину рангинест?
Яқинан, ин насими раҳмат аз кӯҳи иноятҳои яздонист,
ки ғунча-ғунчаи боғи хаёламро шукуфонид
ва андар барг-баргаш обу ранги тоза кард эҳё.

**2**

Ва инак, ҳавлии устод.
Дар он пай, ки алъон дидамаш,
истодаам танҳо.
Нигоҳи интизорам
ҳам бародаррову ҳам устодро ҷӯё.
Аҷаб не, орзую иштиёқи боз як-ду сафҳае хондан
варо нагзошт орому зи нав сӯи китобаш бурд?
Ва ё чун шомро бо хомаю нома ба субҳ овард,
кунун аз хастагӣ пешонаашро рӯи каф бинҳоду
пушти миз хобаш бурд?
Ба рӯи тахтакат густурда хоне,
рӯи хон як нимаи ноне
ва дигар як пиёла чой ҳам аз ӯ насиба
дар лаби хон аст,
ки печи нозуки ҳавраш аз ин дурӣ намоён аст.
Китобе дар шафат хобида бо авроқи бикшода,
ба рӯяш айнаки устод бинҳода.
Ҳамин ҷо,
дар қарибакҳост ӯ.
Ҳоло,
ҳамин дам мебарояд аз дари боло…

Ку онсӯтар равам,
як бор бинам саргаҳи ҷӯро,
аминам, дар сари полез пайдо мекунам ӯро…

**3**

Чӣ қадр ин раддаву палҳои деҳқонии
ӯ сарсабзу шодобанд,
Нигорину мунаққаш чун гилеми
дастбофи Балх метобанд.

Ана, ин навниҳолонро,
яқинан, ӯ ҳамин се-чор рӯзак пеш биншонда;
Ба уммеде,
ки як кӯчат намонад ташнакому зард,
ба ҷӯякҳо баробар об ронда.
Аз ин рӯ, дар сари ҳар ҷӯяки шодоб
пайи ангуштҳояш, бармало, монда.

**4**

«Шафақро лолагун дидам…»[1],
яке ёдам биёмад аз баҳори пор:
як бегоҳ баъд аз кор
(Худо медонад, аз таҳдашт бошад, ё худ аз бозор)
овард ӯ ба хона як бағал лола.
Чунон ҳам лолаи бисёр,
к-аз он рӯз,
аз он Наврӯзи армонсӯз
ба доғи лолаҳои ӯ
ҳазорон то кунун доранд нола,
нолаҳои зор.
Аз он рӯз ӯ бишуд бисёр камдидор,
Аз он дам марди дунёӣ
бишуд ногоҳ рӯъёӣ.
Кунун ӯ дар хаёлам шоду маҳзун мешавад пайдо,
Гаҳе сарсабзу гоҳе низ гулгун мешавад пайдо.
Кунун мурғи хаёлам дар ҳавои ёди ӯ оворaю сарсон
Варо чашми тарам аз ҷони пурсӯзам бишуд пурсон…

[1] Аз Махфии Бадахшӣ

**5**

Ниҳоят,
панҷаи хуршеди субҳафрӯзи ҳиҷронсӯз
(фурӯғаш кам мабодо аз сари мо)
андак-андак лолаҳои арғувонии шафақро чид.
Ишорат кард бар ман
аз фарози қуллаи уммед,
башорат дод оламро
зи омад-омади рӯзи навини равшану испед.
Кунун бо панҷаи хуршедсон нурофаринаш
дар ҳавои мавҷи болафшонии фавҷи малакҳо,
ки нозил мешавад аз пардаи нилуфарии арш –
аз авҷи фалакҳо,
пеш аз хуршед
ба рӯи ман
дари рӯзи навинро мекушояд ӯ,
Ба сӯи ман
шукуфон,
шоду хандон,
нурборон мебарояд ӯ,
ки гӯяд Тоҷикистонро ба рӯзи нав муборакбод.
Ва ман бар пешвозаш мешитобам:
– Ассалом, устод!

## ҶУФТИ ШАҲПАР

Ман марди мусофирам, раҳам дуру дароз,
Дар пеш маро ҳазор шеб асту фароз.
Он қуллаи барфист намоён ба уфуқ,
Ё модари ман бувад, ситода ба намоз?

Симурғаму ду боли Самандар дорам,
Дар авҷи нишот ҷуфти шаҳпар дорам.
Ҳар қуллаи мақсуд маро зери пар аст,
Зеро ки падар дораму модар дорам.

Модар, модар, чун бирасидам бари ту,
Судам сари испед ба хоки дари ту.
Ҳаққо, ба дилу забон таҳорат додам,
То ёди падар кардаму шукри сари ту.

Аз гарди раҳ омадам, ба дар ҳалқа задам,
Раҳтӯшаи ёдҳо ба бар, ҳалқа задам.
Зад ҳалқа маро сиришк дар хонаи чашм,
То бар дари хонаи падар ҳалка задам.

Модар чу бирафт, ғам ба ҳасрат омехт,
Боми фалак аз оҳи гаронам бигусехт.
Он субҳи сияқ барф аз ин вайрона
Чун гарди ятимӣ ба сари ман мерехт.

Ҳар ҷой, ки, модаро, сафар буд маро,
Ду дасти дуот болу пар буд маро.
Ҳар зикри батакрорат аз оёти шариф,
Раддеву тилисме зи хатар буд маро.

Субҳ омаду ахтарон аёнанд ҳанӯз,
Дар нимаи Роҳи Каҳкашонанд ҳанӯз.
Донам, ки зи зери хок ҳам, модари ҷон,
Чашмот ба роҳам нигаронанд ҳанӯз.

Модар, модар, меҳри ҷаҳонафрӯзам,
Бе рӯи ту кӯр гашта чашми рӯзам.
Дар ҳасрати дидори ту то хоки адам
Дил мезанаму метапаму месӯзам.

Модар, модар, ту соябонӣ сарро
чун шоҳдарахт,
Эй кош, ба дасти худ барӣ духтарро
то хонаи бахт.
Эй чашми фалак! Нарехтӣ чун ба замин,
дидӣ чу яқин,
Ашки аламӣ арӯси бемодарро.
Э рӯзам сахт!

## ДУОИ ХАЙР

*Тасаллое ба Нигина Рауфова*
*нисбати даргузашти фарзандашон*

Писар меҷӯяму ду дидаро бар хок мемолам,
Ҷигар мегӯяму рӯ ҷониби афлок менолам.
Чӣ мепурсед, эй хешу табор, аз ҳолу аҳволам,
Зи парвози баланд афтодаму бишкаст шаҳболам,
Дареғо, рафт бар боди хазон уммеду омолам.

Ниҳоли сабзи уммедам ба ҳангоми нумӯ бишкаст,
Ба боғи ормонҳоям сафои рангу бӯ бишкаст.
Зи санги ҳодисотам шоҳҷоми орзу бишкаст,
Кушодам лаб ба фарёду садоям дар гулӯ бишкаст,
Аз он чун санги гӯри ормонҳо сокиту лолам.

Ба пои Бесутун ҷорӣ бишуд хуни дили Фарҳод,
Бирафт он олами рӯъёи Ширин, осафо, барбод,
Шудам овораю саргашта дар ин дашти пурфарёд,
Бишуд ҳамдостонам ҳой-ҳойи боди Файзобод,
Ба доғи ғӯрамаргам рӯзу шаб найвор менолам.

Зи ҳаҷрат тира шуд, эй Юсуфи мисрӣ, маро чашмон,
Тароват нест бе гарди қадамҳои ту дар Канъон.
Умедам буд, боз орӣ сафо бар кулбаи эҳзон,
Сари сахтам ниҳам дар мақдами покат, Муҳаммадҷон,
Ғубори потро чун тӯтиё бар дидаҳо молам.

Ту рафтию ба гӯши ҷонам оҳанги каломат монд,
Ба чашмам акси рӯю бар лабонам зикри номат монд.
Бирафтӣ ногаҳон, дидори гармат дар қиёмат монд,
Ба чашми волидайну хоҳаронат ашки ҳасрат монд.
Дили санги кӯҳистон об гашту сӯхт бар ҳолам.

Ниҳода панҷаи афсӯсу ҳасратро ба пешонӣ,
Бигуфт ин шеърро бо сӯз Мирзои Зарафшонӣ.
Дуои хайри ҳар тоҷик карду тоҷикистонӣ:
Худои меҳрубон, дар сояи лутфат нигаҳбонӣ
Намоӣ тоҷиконро дар қатори мардуми олам.

## СИМУРҒ

Он тоири ҷаннатошён рафт ки рафт,
Дунёи умеду ормон рафт ки рафт.

Доғе ба дил аз ҳасрати ӯ монд ки монд,
Дар дашти фироқ лоласон рафт ки рафт.

Аз дасти қазои чарх сад ҷабру ҷафо
Бар ҷумлаи ёру дӯстон рафт ки рафт.

Гар буд замонаро ба ӯ пайванде,
Бо нафси шикаста безамон рафт ки рафт.

Шаффофу зулол буд чун дурри ятим,
Аз чашми Ҳисори Шодмон рафт ки рафт.

Бар равзани дилҳо битаровид чу нур,
Чун равшание зи дидагон рафт ки рафт.

Худ буда яке хокию сарбарфалакӣ
Омӯхт ба ҷамъи хокиён, рафт ки рафт.

Ӯро, ки миёни ҷону дилҳост мақом,
Ноҷост бигӯям: аз миён рафт ки рафт.

Эй бонги даро, шамоли даштат барадо,
Мо чун бирасем? Корвон рафт ки рафт.

Симурғ ба Мирзо қаламе аз пари хеш
Бахшиду ба сӯи ҷовидон рафт ки рафт…

## МЕҲРГУЗОР

Бо машраби афлокию нанги азалӣ
Ҷовид бимонд Лоиқ – он Шери Алӣ.
Аз табъи латифу тинати шерона
Ҳам Шеър ба мо бимонду ҳам шердилӣ.

Лоиқ, ки будӣ меҳргузори дили мо,
Дурри суханаш ҷуду нисори дили мо,
Дӣ садри хазинаи забони мо буд,
Имрӯз шуда хазинадори дили мо.

Лоиқ, Лоиқ, Ватан дилу ҷони ту буд,
Сарматлаъи офтоби имони ту буд.
Ҳар буттаю барги кӯчабоғи ушшоқ
Шодоб зи файзи «Резаборон»[1]-и ту буд.

Эй ҳамқаламон, тарона гӯед ба ман,
Нав-нав ҳама ошиқона гӯед ба ман.
Ин умр кучҷову достонҳои дароз;
Як мисраъи Лоиқона гӯед ба ман.

То пардаи рози ошиқӣ бофтаем,
Лоиқ, ба дари байти ту биштофтаем.
Эй байти ту обод, ки мо бо байтат
Дил додаву дил ҷуставу дил ёфтаем.

---

[1] «Резаборон» – китоби дубайтиҳои устод Лоиқ.

## НИГИНИ ҲУНАР

Ту зеби саҳнаи мой, Нигина,
Ба рӯи дидаҳо ҷой, Нигина.
Ту чун Гурдофариди саҳнаи мо
Ба ҳар ҷо дастболой, Нигина.

Нигина, дарду доғеро набинӣ,
Ки ҳусни ин замону ин заминӣ.
Агар бошад ҳунар ангуштарине,
Бар он ангуштарин, ҳаққо, нигинӣ.

Ту бо миллат басе наздик мондӣ,
Аз ин рӯ, лоиқи табрик мондӣ.
Аз он шуд эҳтиромат боз афзун,
Ки тоҷик будию тоҷик мондӣ.

## ХУШХОН БА НАЗАР ОМАД

*Сад шукр, биҳамдиллоҳ, ҷонон ба назар омад,*
*Май хӯрда, ба майхона мастон ба назар омад.*
***Махдумқулӣ***

Ҳар ҷой, ки Абдулло Султон ба назар омад,
Аз чаҳ-чаҳи ӯ он ҷо бустон ба назар омад.

Хубони ба даври ӯ ҷамъомада гул бошанд,
Ӯ булбули хушлаҳну хушхон ба назар омад.

Майдони ҳунар, бингар, гардид чӣ паҳновар,
Чун ӯ ҳунарӣ-марди майдон ба назар омад.

Чун аз ҷигари Суғд аст, дар оташи он пухтаст,
З-ин ҷост, ки базми ӯ тасфон ба назар омад.

Аз ромишу хунёяш, рангинии дунёяш
Хуш Рӯдакии Оли Сомон ба назар омад.

Чанд аст ҳаводораш, дилбастаи чилтораш?
Саҳл аст агар гӯям: милён ба назар омад.

Ҳар савту навои ӯ, ҳар ҳарфу ҳиҷои ӯ
Баҳри дили ғамбемор дармон ба назар омад.

Бодо ҳама дам созаш бо набзи дили мо ҷӯр,
Ин шеър зи Мирзои Қурбон ба назар омад.

## ШАРФАИ ПОИ ОШНО

Бигзарад тирамоҳу дай ояд,
Боз Наврӯзи некпай ояд,
Лек дигар ба саҳнаи тоҷик
Зулфиқори Азиз кай ояд.

Алҳазар, қисмати ҷафокоро!
Доғи ҳасрат манеҳ ба дил моро!
Мабар аз мо умеди дидори
Зулфиқори Азизи дилҳоро!

Мон, ки бар гӯши ҷон садо ояд,
Шарфаи пои ошно ояд.
Сӯи мо боз шоду дастафшон
Зулфиқори Азизи мо ояд.

Мои дилдодагони овозаш,
Ошиқони нубуғу эъҷозаш
Тозагулҳо ба даст, истода,
Бикушоем то бағал бозаш.

Осафо, ин сафар раҳаш холист,
Пайке аз мақдами азизаш нест.
Дидаи тар бипурсадам аз дил:
Боиси дер кардани ӯ чист?

Монд гулҳо ба дасти ман ҳайрон,
Ки бимондаст булбул аз тайрон…
Қаламам зору ҳасратиншо шуд,
Зад сиришкам ба дастагул борон;

Ҳасрато, сад хазону дай ояд,
Сад баҳори хуҷастапай ояд,
Лек дигар ба саҳнаи тоҷик
Зулфиқори Азиз кай ояд.

Зулфиқоро! Ба ҳар куҷо ҳастем,
Бо садои ту ҷӯру пайвастем.
Ҷои ҳар як суруд бар рӯҳат
Мо ҳазорон дуруд бифристем.

## РУҶӮЪИ АБУБАКР

Зулфиқоро, ҳар куҷо бар лаб дуо, ҷӯям туро,
Аз тавофи ҳар азизу авлиё ҷӯям туро.

Гаҳ миёни хокиёни пок дар рӯи замин,
Гоҳ байни нуриён андар само ҷӯям туро.

Рафтию ҷамъияти дилҳо парешон сохтӣ,
Аз парешонбозии дасти қазо ҷӯям туро.

Ҳар гиёҳу сабзаи ин шаҳр дорад ёди ту,
Аз гулу себаргаи гулгаштҳо ҷӯям туро.

Мурғакон дар шохсорон нағмапардозӣ кунанд,
Дар нафири булбулони хушнаво ҷӯям туро.

Ё магар пурсам суроғатро зи абри даргузар,
Ё ки андар накҳати боди сабо ҷӯям туро?

Ту саропо меҳр будию сафою равшанӣ,
Ман чӣ сон охир дар ин зулматсаро ҷӯям туро?

Ту ҷаҳоне аз муҳаббат будию сидқу вафо,
Ман чаро дар ин ҷаҳони бевафо ҷӯям туро?

Чун паноҳи аввалину охирини мо Худост,
Пас, равам, аз даргаҳи поки Худо ҷӯям туро.

## РУҶӮЪИ ШАҲРОМ

Кучқой, эй забардасти батадбир,
Ки ман афтодаам дар доми тақдир.
Маро овоз бе ту хаста гашта,
Биё, пирам, сари овози ман гир.

Азизо, бе қудумат саҳна тор аст,
Ба чашмам дастагулҳо ҷумла хор аст.
Азизи ҷону дилҳо – Зулфиқоро,
«Анис»-ат бар анисе чун ту, зор аст.

Маро меҳри ҳунар дар дил фузудӣ,
Даре бар олами хунё кушудӣ.
Вале рафтию дар айни ҷавонӣ,
Дареғо, марсияхонам намудӣ.

Навои ман садоятро биҷӯяд,
Шабу рӯзон дуоятро бигӯяд.
Чу натвонам ба эъҷозат расидан,
Рухам санги мазоратро бишӯяд.

Садои ёр-ёр ояд ба гӯшам,
Зи ҳар кӯи диёр ояд ба гӯшам.
Зи рези обшорони Душанбе
Суруди Зулфиқор ояд ба гӯшам.

Азизонро ту пайрав гаштӣ охир,
Аз он як шӯъла партав гаштӣ охир.
Шудӣ наҷме ба тоқи арки Аллоҳ,
Ҳамоғӯши маҳи нав гаштӣ охир.

Ҳумоюн бод Наврӯзат, диёро,
Гулафзун бод ҳар рӯзат, баҳоро,
Ту ки ҳамзод бо савту сурудӣ,
Муборак зодрӯзат, Зулфиқоро.

Ниҳоли гулбасар ёди ту дорад,
Насими кӯҳ фарёди ту дорад,
Рухи гулҳои хандони Душанбе
Нишон аз чеҳраи шоди ту дорад.

Ҳунар як ҳадяи Аллоҳ бошад,
Ки волотар зи тахту ҷоҳ бошад.
Барои мо дар ин раҳ, Зулфиқоро,
Суруди ту дуои роҳ бошад.

Агарчи пир ё худ навҷавонем,
Ҳама чун солики як корвонем.
Дили ту гӯиё бонги ҷарас дод,
Ки, ҳошо, мо ба ними раҳ бимонем.

## МОДАРИ АСКАРБАЧАҲО

***Ба ёди гиромии Нигина Рауфова***

Модар, модар, модари аскарбачаҳо,
Ту соя будӣ бар сари аскарбачаҳо.

Аскарбачаҳоро, ки Ватан такягаҳест,
Ту – такягаҳи дигари аскарбачаҳо.

Овози ту худ навозиши модар буд,
Оҳанги ту болу пари аскарбачаҳо.

Мактуби саломатӣ киро бинвисем?
Ҳайрон қаламу дафтари аскарбачаҳо.

Бархезу бихон суруди «Аскарбача» - ро,
Бингар ба ду чашми тари аскарбачаҳо.

Аскарбачаро ба чашми тар бовар нест,
Бар хониши ту бовари аскарбачаҳо.

Аз хизмати Модар-Ватан ояд аскар,
Гул пош бидеҳ бар сари аскарбачаҳо.

Аскарбачаро тӯй куну соҳиби бахт,
Армон бишикан дар бари аскарбачаҳо.

Аскарбача бо ту қаҳрамони Ватан аст,
Эй қуввати дил, ёвари аскарбачаҳо.

Бо рафтани ту бори дигар монд ятим
Ин додаракат – шоири аскарбачаҳо.

## ПОКИЗАГАВҲАР

Чӣ мепурсӣ зи ҳоли дил, ки чун аст,
Забон аз шарҳи ин дардам забун аст;
Ту гаштӣ ғарқи дарё, додари ҷон,
Маро дил ғарқаи дарёи хун аст.

Зи сад гул як гулат нашкуфта рафтӣ,
Ба мо рози дилат ногуфта рафтӣ.
Ту будӣ, ҷумла хотирҷамъ будем,
Намуда ҷумларо ошуфта, рафтӣ.

Кунун сар мезанам бар санги соҳил,
Зи санги соҳилам, аммо, чӣ ҳосил?
На дарёву на сели дида, ҳошо,
Куҷо мешӯядам доғи ту аз дил.

Умедам буд аз ободит гӯям,
Муборак ҷашни домодит гӯям.
Вале, дардо, намегардад забонам,
Ки аз тақдири фарҳодит гӯям.

Ба сад доғи дилам доғи ту зам шуд,
Ду чашмам чашмаи ашки алам шуд.
Ба ҷои чун ту нахли тозаю тар
Асоям чӯбаки хушки қалам шуд.

Чӣ сон гӯям, ки аз дунё бирафтӣ,
Зи пеши дида чун рӯъё бирафтӣ.
Зибас чун дурри дарё пок будӣ,
Чу як дурдона бар дарё бирафтӣ.

Ту будӣ бо Худо, ҷони бародар,
Баимон будию покизагавҳар.
Аз ин рӯ, зикри хайри туст андар
Каломи улвии «Аллоҳу Акбар».

## Ба шоира Гулчеҳра Сулаймонӣ

Гулчеҳра барин шоирае то дорем,
Аз фахр саре ба арши аъло дорем.
Моро ҳама ҷо шумо-шумо мегӯянд,
Ӯ ҳаст, ки моён ҳама момо дорем.

## Дуруде ба устодон
## Одина Ҳошим ва Зафар Нозим

Уқоби қуллаи хунёи тоҷикро
Бувад як шоҳбол Одинаи Ҳошим,
Дигар як шоҳболи ӯ бувад, ҳаққо,
Азизи дидаву дилҳо – Зафар Нозим!

## Дуруде ба Нигина Рауфова

Шаби ялдои хазон буд дилам тору ҳазин,
Хушк шуд роҳи нафас, дидаи ман об гирифт.
Ахтари умри ту рахшангари маҳ буд, яқин,
Канда шуд ахтари умри туву маҳтоб гирифт.

## Дуруде ба Кароматуллоҳи Қурбон

Марде, ки зи табъи аҳли завқ огоҳ аст,
Дар пардаи рози санъат ӯро роҳ аст.
Бар халқ азиз асту мукаррам ҳунараш;
Зеро ки ҳунар Кароматии Аллоҳ аст.

# МЕҲРАФЗО



## ТАМАННО

*Эҳдо ба устод Оймаҳмад Ғуломов*

Пирони хирад васлгари халқу Худоянд,
Ҷо-ҷой, вале, фазли Худо, дар ҳама ҷоянд.

Бо машраби афлокию тамкини заминӣ,
Ҳаққо, ки ҳама ҳусни заминанду самоянд.

То ғунчаи уммеди халоиқ бикушояд,
Ҳар субҳи Худо дасткушо баҳри дуоянд.

Пирони хирад такягаҳи чархи бананд,
Худ гарчи ба дидан ҳама мӯҳтоҷи асоянд.

Сад дар бикушоданд, ки бар нури хирад боз
Як равзанае дар дили инсон бикушоянд.

Равшандилу нуронию озода чунонанд,
Гӯӣ саҳар аз хонаи хуршед бароянд.

Маҷмӯи ҳама дарди башар синаи онҳост,
То худ ҳамаро мабдаи дармону шифоянд.

Чун ахтари саъданд фурӯзон ба сари мо,
Дар олами дил олиҳаи меҳру вафоянд.

Хуршедсифат бар ҳама тобанд баробар,
Дар паҳлуи мардум ба ҳама суру азоянд.

Дар паҳнаи ин бодия бо дидаи ҳақбин,
То қофила раҳгум назанад, қутбнамоянд.

Эй Борхудо, дар панаҳи хеш нигаҳ дор
Пирони хирадро, ки ҳама давлати моянд.

Мо дил бикушодему ниҳодем ба кафшон,
Бошад, ки ба мо дасти дуое бикушоянд.

## ДУХТАРИ ҚОНУН

*Ба ҳуқуқшиноси маъруф*
*Қутфинисо Мирзоева*

Туро хонанд, барҳақ, духтари қонун,
Ки ҳастӣ посдору ёвари қонун.
Адолатгустарон, сад шукр, бисёранд,
Куҷо чун ту адолатгустари қонун.
Бувад ҳар фард султони ҳуқуқи хеш,
Агар мисли ту бошад чокари қонун.
Ба ҷуз қонун туро довар куҷо бошад,
Агарчи хеш ҳастӣ довари қонун.
Ту як оина ҳастӣ, к-андар он дорад
Таҷаллӣ чеҳри инсонпарвари қонун.
Замин чархад агар пиромуни хуршед,
Ту мечархӣ ба даври меҳвари қонун.
Агар қонун ба ҳукми хусраве бошад,
Ту ҳастӣ хотаме бар афсари қонун.
Ба ҷои нардбоне бар ҷалолу ҷоҳ
Накардӣ истифодат минбари қонун.
Занон ороста бо зеваранду зар,
Туӣ ороста бо зевари қонун.
Фурӯ рафтӣ ба дарёи сиришк эй бас,
Ба уммеде, ки ёбӣ гавҳари қонун.
Шикастӣ зулмати бас худсариҳоро,
Шудӣ то шӯҳра чун равшангари қонун.
Ҳаётат номаи қонуни кишвар шуд,
Ки гардад Тоҷикистон кишвари қонун.

## ДАСТАГУЛИ ЁД

*Ба Б-О*

Аз дастагули ёди ту пур шуд бағали ман,
Гул кард зи номи ту баёзи ғазали ман.

Аз он лаби ширин чу шунидам ғазаламро,
Гуфтам, ки: «Ғазал нест, бувад ин асали ман!»

Меҳри ту бадал кард маро, пок дигар кард,
Ай хонуми сабзи дили ман, бебадали ман!

Ҷуз хубию равшангарӣ азбас амалам нест,
Дидори ту подош бишуд бар амали ман.

Дил сӯи ту дорад ҷадалу чашми туам ҷаҳд,
Фолест накӯ: ҷаҳди ту – ҷуфти ҷадали ман.

Ҷуз сӯи ту минбаъд маро саҷдагаҳе ку,
Ҷуз кӯи ту на ҷой бувад, на маҳали ман.

Бо ту ҳама гум гашт ҳисоби шабу рӯзам,
Оғоз бишуд аз дили ҷавзо ҳамали ман.

Аз толеъу бахтам абадан шукргузорам,
Бошӣ ту агар толеъу бахти азали ман.

Дар гавҳараки чашми дили солиҳаи туст
Фардои ману зиндагии бехалали ман.

Мирзо naniҳад нуқта пайи номи азизат,
Як умр туӣ ҳусни давоми масали ман.

## ИНСОНГАРО

Чун бипардозад мақоме Ҷӯрабеки фалғарӣ,
Қудсиён нозил шаванд аз гунбади нилуфарӣ.

Нуриён ҳай базм ороянд дар авҷи фалак,
Саф ба саф ояд ба рақс андар замин хайли парӣ.

Шадда-шадда бар сари мо дурру марворидро
Созад ӯ барчош аз ганҷинаи лафзи дарӣ.

Ҳар калому савти ӯ бошад ба гӯши ҳақшунав
Панде аз меҳру муҳаббат, дарсе аз одамгарӣ.

Дона-дона дурри шаҳвори хушоби шеърро
Рӯи зарри холиси оҳанг созад заргарӣ.

Гар ду-се ногавҳарӣ қадраш надонистӣ, чӣ ғам,
«Қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар гавҳарӣ»

Мерасад бар гӯши ҷон пажвоки ӯ умре, хушо,
Аз Самарқанду Бухоро то Сифоҳону Ҳарӣ.

Бо суруди меҳр-афрӯзаш мусаххар кардааст
Ӯ дили аъробу ҳинду, арманию озарӣ.

Дигарон гар парваранд инсон, ки то орад ҳунар,
Пас ҳунар мепарварад ӯ маҳзи инсонофарӣ.

Гар ту ҳам, Мирзо, чу ӯ бошӣ фидоии ҳунар,
Мисли ӯ Инсонгаро, бодо ҳалолат шоирӣ!

## ГУЛАФШОНӢ

*Ба Б-О*

Дуздона бурун оям
Аз рахти сиёҳи шаб,
Он гуна, ки нанмоям
Ҳатто ба нигоҳи шаб.

Қад-қадди чамандевор
Нармак биниҳам поро,
Ҳошо, ки кунам бедор
Ҳангоматалабҳоро.

Оям ба ҳарими боғ,
Гул варзаму гул бӯям,
Бо атри насими боғ
Болу пари дил шӯям.

Бо дастагуле хуррам
Оям дами дарвоза,
Дар пушти дарат монам
Гулҳои тару тоза.

Як боғ шабонгаҳ гул
Орам ба гузаргоҳат,
Бинҳода раҳораҳ гул
Оям дами даргоҳат.

Роҳи ту шавад, ҷонам,
Гулпӯш чу шероза.
Дар пушти дарат монам
Гулҳои тару тоза.

Субҳона шавӣ бедор
Бо савти нумӯи гул,

Аз хона барой, ёр,
Махмур ба бӯи гул.

Бар мавҷи гулат афтад
Чун дидаи наззора,
Ахгар ба дилат афтад,
Озар ба ду рухсора.

Аз тозагули хушбӯ
Анбошта оғӯшат,
Гулҳо бизанӣ бар мӯ,
Гулҳо ба баногӯшат.

Гул рӯядат аз мақдам,
Андоза ба андоза.
Дар пушти дарат монам
Гулҳои тару тоза.

Гӯяд ба ту розамро
Ҳар гул ба забони барг,
Бошад, ки ниёзамро
Охир бинамоӣ дарк.

Масти қадаҳи шабнам,
Гулҳост ба хамёза.
Дар пушти дарат монам
Гулҳои тару тоза.

Зоро, зи раҳи гулпӯш
Оӣ ба суроғи ман,
Гармат бикашам оғӯш,
Шаҳгулбуни боғи ман.

Бигзор, ки дар олам
Ишқам шавад овоза,
Рӯшод туро орам
Гулҳои тару тоза.

## ШУНАВ ИЗТИРОБИ ӮРО

*Дили мурда зинда кардӣ, ту бигӯ ҷавоби ӯро,*
*Ба гуноҳи нав кашидӣ, бинамо савоби ӯро.*
***Зиё Абдулло***

Зи сари ситезаҷӯӣ машунав хитоби ӯро,
Чу даре ба худпажӯҳӣ бикушо китоби ӯро.

Ту агар худоқаринӣ, зи чӣ нохудофаринӣ,
Ки зи баҳри дил бичинӣ гуҳари хушоби ӯро.

Чу сари ту қурси шед аст, магар зиёи дид аст,
Нигарӣ чу лаккаи маҳ гули моҳтоби ӯро.

Ту зи дӯшҳо фуруд ой, ба хок такя фармой,
Ту зи гӯшҳо фаро пар, шунав изтироби ӯро.

Зи таҷаллии хаёлаш бикушо хуҷаста фолаш,
Дамиши сапедасорон бигузор хоби ӯро.

Ба кафи ту «Ҷоми Симурғ»[1], ку эҳтимоми Симурғ,
Ки хурӣ ба як нафас пок шароби ноби ӯро.

Ба ду гӯши ҳақниюшӣ зада пунбаи хамӯшӣ,
Бихурӣ чу бехгӯшӣ ту кунун итоби ӯро.

1. «Ҷоми Симурғ» – яке аз китобҳои устод Зиё Абдулло.

## НУСХАИ ПОКИ ПАДАР

З-он ҷо, ки баён дигар, нигориш дигар аст,
Ку он, ки балад ба ҳар дуи ин ҳунар аст?

Нақлест туро, ки нуқл бояд хондаш,
Лутфест, қивомхӯрда ҳамчун шакар аст.

Як нусха «Аризаи ба номи янга»[1]
Бар ҳар амаки зӯр беҳин чорагар аст.

«Аз дидаву аз шунида»[2] гуфтан ҳама гап,
Аммо чу ту тасвир намудан асар аст.

Он ҷо, ки «Ҷавобак»[3] аст, ҳошо, ки дигар
Кай ҷой ба «оё?»-ву «наход?»-у «магар?» аст.

Аз «Чашми сиёта садқа»[4] то «Нози ҳавас»[5]
Ин роҳи на ҳар булҳаваси раҳгузар аст.

«Микрози насим»[6]-ат чу вазад бар гулшан,
Ҳар ғунчаи ношукуфта «Сад барги тар»[7] аст.

То «Равзани роз»[8]-и ту бувад боз ба мо,
Бас толиби роз боз дар пушти дар аст.

Як нусха ҳаёти туст ҳар номаи ту,
Алқисса, писар нусхаи поки падар аст.

Ҳар як асарат латиф бошад, зеро
Ороста бо «Лутфи Ашӯри Сафар»[9] аст.

---

1-9 Китобҳои Гурез Сафар.

## ФАРЗАНДИ ВАТАН

*Ба Шаҳоби Шариф*

Эй пури Набӣ, аё ҷавонмарди далер,
Фарзанди Ватан шудӣ, намондӣ ту сағир.
Имрӯз зи рӯдбори иқболу висол
Бо шасти камолот паримоҳӣ гир.

Пур бод ҳамеша соғари нӯши шумо,
Бодо абадан бахт ҳамоғӯши шумо.
Ҳар як нигаҳи янга Шаҳобе бишавад
В-он гоҳ бирезад ба сари дӯши шумо.

Бар хизмати халқ то шарафёб шудӣ,
Инсони шарифу шамъи аҳбоб шудӣ,
Дар авҷи сипеҳри дили мардум чу Шаҳоб
Ҷо ёфтаву радифи маҳтоб шудӣ.

Гӯем кунун: муборак ин шасти шумо,
Мӯҳтоҷ мабодо ба асо дасти шумо.
Бошед азизи пиру барно ҳама дам
В-ин бахти баланд ҳамқаду басти шумо.

Бар шаст чӣ бошасту ба дав омадаӣ,
Рахшанда чу як шӯъла алав омадаӣ.
Бар каф майи ноби «Шаҳринав», шеър ба лаб,
Гӯё навакак зи Шаҳринав омадаӣ.

Бошед, бародаро, саломат доим,
Дар сатҳи мақоми хеш доим қоим.
Чине нафитад ба рӯи пурнури шумо,
То бинаду дилгумак шавад ҳар оим.

Дар шасти камолатон чӣ эҳдо бикунем?
Он беҳ, ки ҳама чунин таманно бикунем:
Садсола шаведу ҷашн барпо бикунем,
Бо риши сафед сад-дусадто бикунем.

## МУЛЛОИ ЗӮР

Муллозуҳур – муллои зӯр[1],
Илмат бувад моро зарур.
Аз пушти кӯҳи Қофи тиб
Хуршедсон кардӣ зуҳур.

Муллозуҳури Тоҳирӣ,
Ҳам духтурӣ, ҳам шоирӣ,
Ҳам рӯҳдон, ҳам соҳирӣ,
Дорӣ тасаллут бар шуур.

Ҳастӣ баробар бо ҳама,
Ёру бародар бо ҳама,
Чун ширу шаккар бо ҳама,
Бегона бо кибру ғурур.

Ҳам муслиму ҳам исавӣ,
Ҳам бутпарасту мӯсавӣ
Доранд ихлоси қавӣ
Бар чун туе муллои зӯр.

Исодаму Синонафас,
Бар ҳар касе имдодрас.
Наздат расад ночӯр кас,
Пас меравад бо ҷони ҷӯр.

---

[1] Муллои зӯр – корафтодае аз як деҳаи дури кӯхистон Муллозуҳурро бо ҳамин ибора суроғкунон омада буд.

Чун ҳазрати Мӯсо туро
Бошад яди байзо, хушо,
Бо мӯъҷизоте гӯиё
Баргаштаӣ аз кӯҳи Тур.

Ду чашми ҳар афтодакор
Бошад ба имдоди ту чор.
Эй халқро хоҷатбарор,
Анворбахшо ҳамчу ҳур.

Аз маънавият, маърифат
Дорӣ чароғе дар дилат.
З-ин рӯй, чун аз манзилат
Меборад аз рӯи ту нур.

Чашмони меҳрафрӯхта
Бодо ба рӯят дӯхта.
Эй марди илмомӯхта,
«Чашми бад аз рӯи ту дур»[1].

Дарду ғаме асло набин,
Рӯи камӣ асло набин.
Бошад дуои мо ҳамин:
Доим бубинӣ тӯю сур.

[1] Аз Шайх Саъдӣ

## ДАР ХАТНАСУР
*(аз забони модар)*

Эй нури ду дидагони ман – Акмалҷон,
Хушбахтии хонадони ман – Акмалҷон.
Уммеди шукуфта дар замини дили ман,
Хуршед дар осмони ман – Акмалҷон.

Ту чашму чароғи манзили ман ҳастӣ,
Мифтоҳи тамоми мушкили ман ҳастӣ.
Баъди сари волидайну фарзанди падар
Танҳо ту тасаллои дили ман ҳастӣ.

Як ахтари саъду шамъи Асҳоби манӣ,
Як пораи қалбу асли ҷон дар баданӣ,
Модар-Ватан имрӯз ҳимоятгари туст,
Фардо ту ҳимоятгари Модар-Ватанӣ.

Дар базми ту ёру дӯстон ҷамъ шуда,
Гулҳо ҳамагӣ ба бӯстон ҷамъ шуда.
Ту бадри мунавварӣ, ки дар атрофат
Пурнуртарин ситорагон ҷамъ шуда.

Бо чеҳраи бозу бо дилу хотири шод
Ду дасти дуо кушода, гӯям ба мурод:
Ин давлати шодӣ, ки маро гашт насиб,
Бар ҷумлаи аҳли башар арзонӣ бод.

## ДОҒИ ҲАСРАТ

*Ба Б-О*

Дареғи меҳри покам, доғи ҳасрат мешавад охир,
Висолат насяи рӯзи қиёмат мешавад охир.

Ба ғурбат мезанам рӯзе сари танҳои сахтамро,
Маро ёди ту зоди роҳи ғурбат мешавад охир.

Ту медонӣ, ки ҳар кӯҳи баланде чашма ҳам дорад,
Ғурури беш низ ашки надомат мешавад охир.

Бигӯянд: охири ҳар фурқате дидор хоҳад буд,
Маро уммеди дидори ту фурқат мешавад охир.

Ба болин оварад рӯзе сарамро з-ин алам қисмат,
Киро то нозболини ту қисмат мешавад охир.

Парафшон дар ҳавои меҳрубониҳо надонистам,
Ки авҷи иззати ман хоки зиллат мешавад охир.

Ду чашмам баски сӯят боз хоҳад монд, мижгонам
Баҳорон сабзаҳои рӯи турбат мешавад охир.

Дили ман – ин мазори ишқи ҳасраткуштаам, Мирзо,
Ба аҳли дард маъвои зиёрат мешавад охир.

# ДИЛПОРАҲО



## Ба устод Камол Насрулло

Болу пари мост шоҳболи суханат,
Зебу фари ин Ватан ҷалоли суханат.
Сад шукр, ки мерасад Ватан бар қадрат,
Эй кош расем бар камоли суханат.

## Ба устод Гулназар

Ашъори ту рамзи ваҳдату ёрии мост,
Арзанда нишоне аз ватандории мост.
Бо шеъри ту оғоз шавад рӯзи навин,
Ҳар сатри ту зангӯлаи бедории мост.

## Ба устод Саидалӣ Маъмур

Кам дида ту рӯи меҳрубони модар,
Кам алла шунида аз забони модар,
Дил махзани меҳр кардию маъдани шеър,
Эй шаҳписари Ватан, нишони модар!

## Ба устод Худоӣ Шариф

Дар шахси Шумо ду шахсият гунҷида:
Ҳам олиму ҳам муаллими варзида.
Дар дидаву дил ки нури ирфон доред,
Доред мақом дар дилу дар дида.

## Ба шоира Шаҳрияи Адҳамзод

Худ шеър аз он ки зодаи дарбор аст,
Хонигарӣ андар фани ӯ душвор аст.
Чун Шаҳрияхон якест дар шаҳри сухан,
Андар ҳама ҷо шаҳрияхон бисёр аст.

**Ба ҳуқуқшинос Қутфинисо Мирзоева**

Баҳри ҳама гар Қутфинисо ҳастӣ ту,
Шоистаи сад ҳамду сано ҳастӣ ту,
Баҳри дили покбину ҳақпешаи мо
Як ҳадяе аз лутфи Худо ҳастӣ ту.

**Ба сароянда Моҳрухсор Сафиева**

Садое нарм меояд зи кӯҳсор,
Ғаме ширин ба дилҳо мекунад бор.
Азизон, ин садои рӯди кӯҳист
Ва ё мавҷи суруди Моҳрухсор?

**Ба адабиётшинос Музаффар Муҳаммадӣ**

Мирзо, ба ман ӯ ҳамчу бародар бошад,
Бар отифааш ҳамеша бовар бошад.
Пурсанд: Бародар аст беҳтар ё дӯст?
Гӯ: Дӯст! Ба шарте чу Музаффар бошад.

**Ба сароянда Сабоҳати Наҷмиддин**

Ин ламъаи нуре, ки ба пеши назар аст,
Оинаи рӯз ё сафои саҳар аст?
Наҷме бинамуд ишора бо гӯшаи чашм:
Ин субҳ, ки медамад, Сабоҳи ҳунар аст.

**Ба ношири маъруф Фарҳоди Карим**

Аминам, ки ту мебудӣ нахустин Ношири халқӣ,
Агар мебуд дар ҷумҳурии мо як чунин унвон,
Чаро, к-аз интишороти ту равшан гашта зеҳни халқ,
Шуда аз интишороти ту пур ҳар хонаро ҷевон.

## Ба ирфонгаро БибиОсия Ғуломова

Як мавҷ зи дарёи Зарафшон астӣ,
Як пораи лаъл аз Бадахшон астӣ,
Бо азму ирода духти Хатлон астӣ,
Як нусхаи поки Тоҷикистон астӣ.

## Ба нашири варзида Наҷмиддини Зайниддин

Худ китоб ар буда бошад манбаи нуру зиё,
Интишороти ту нури чашми оламбини мост.
Хос бошад нашри анвору зиё хуршедро,
Пайрави хуршед Наҷмиддини Зайниддини мост.

## Ба устод Дӯстмурод Ӯроқов

Ороиши лавҳи ёди мо Дӯст бувад,
Осоиши рӯзи шоди мо Дӯст бувад.
Аз ганҷи ҷаҳон дӯст маро бод зиёд,
Зеро зи ҷаҳон Муроди мо Дӯст бувад.

## Ба сароянда Нигора Холова

Бо амри Ҳаќу шарофати раҳбармон,
ҳамшираи ҷон,
Қалби ту, хушо, ёфт шифою дармон,
шукри Яздон.
Эй чӯҷаи булбули хушилҳон, алъон
дар ин бустон
Чаҳ-чаҳ бизану ба қалби ғамбеморон
бахшо дармон.

## Ба журналист Валӣ Абдулло

Аз меҳру муҳаббату вафо бар ёрон
Дорӣ ту ба сандуқи дилат махзани ганҷ.
Эй поктар аз ҳавои баъди борон,
Фарзанди барӯманди деҳи Ван-вани Ванҷ!

## Ба табиб Абдулло Ташрифзода

Ташриф чу оварад шифо бар ҷонат,
Борад ба раҳаш гул зи рухи хандонат.
Дар курта нағунҷӣ, иштиҳоят бо завқ
Карнай бикашад бар шарафи меҳмонат.

## Ба сароянда Сурайё Қосимова

Дар чашми дилам ҳазори дунёст яке,
Равшангари осмони ҳунёст яке.
Дорем басе ситора дар арши ҳунар,
Дар байни ситораҳо Сурайёст яке.

## Ба сароянда Манижа Давлатова

З-он дам ки Манижа саҳнаоро шудааст,
Равшангари дидаву дили мо шудааст,
Бо ин ҳама иззату шарафмандии хеш
Ҷон миннати гӯшро пазиро шудааст.

## Ба ҳунарпеша Ибодулло Машрабов

Гулбонги қадаҳ ба шеър агар ҷӯр шавад,
Бо дидаву дил қабулу манзур шавад.
Хонад чу рубоие зи Хайём Ибод,
Як лаҳза Душанбе чу Нишопур шавад.

## Ба журналист Сафаргул Олимӣ

Хушрӯз касе, ки рӯй бар гул дорад,
Дил ҷониби як Гул, на ба ҳар гул дорад.
Дар хона нишастаю ба бар гул дорад,
Ҳар ҷой, ки меравад Сафар, Гул дорад.

## Ба Вилоят Мирзоева

Кай вусъати андеша ниҳоят дорад,
Як олам аз одаме ҳикоят дорад.
Дар сӯҳбати ӯ нишастаю фаҳмидам:
Ҷумҳурии мо чор Вилоят дорад.

## Ба Латофат Насриддинова

Номаш ба сухан лутфу зарофат бахшад,
Кораш ба Ватан шаъну шарофат бахшад.
Ин лутфи Худост – ҳар кӣ ба хидмати халқ
Ҳастии худашро чу Латофат бахшад.

## Ба Бозгул Додхудоева

Бар кишвари мо чу рӯй бинҳод Худо,
Кардаш ба яке иноят обод Худо.
То боз гулободу гулафшон гардад,
Аз лутф ба мо Боз гуле дод Худо.

## Ба устод Давлатбек Хоҷаев

Рӯҳи Ҳасани Нисорӣ имдод намуд,
Дар соли куҳан, хушо, ки дуктур бишудед.
Дар соли навин Шумо ба илми тоҷик
Сино бишавед, ҷумла дорем умед.

## Ба забоншинос Аъзамхонум Таваккулии Исфаҳонӣ

Ало оинаи ҷонро таҷаллӣ,
Ки ёдат медиҳад дилро тасаллӣ,
Туро гар зодгаҳ Нисфи Ҷаҳон аст,
Ҷаҳоне комил астӣ худ, ту куллӣ.

## Ба устод Аҳмадҷон Неъматов

Ҷоиз бувад ар ҳаётро хонд шаҷар,
Бодо шаҷари шумо ҳама ғарқи самар.
Доред шумо сол кунун шаст агар,
Хоҳем бароятон яке шасти дигар.

## Ба сароянда Лолаи Азиз

Рӯзе, ки ба саҳни ҳунар омад Лола,
Бо ҷилваю ранги дигар омад Лола.
Будем чу лолаҳо ҳама доғҷигар,
Чун марҳами доғи ҷигар омад Лола.

## Ба шоир Хайрандеш

Гар ҷумла бувад чун ту дар андешаи хайр,
Обод шавем аз амалу пешаи хайр.
Аз хомаи ту сӯзад агар решаи шар,
Аз номи ту об мехурад решаи хайр.

## Ба шоира Маърифат

Ҳар субҳ Ватан мунаввар аз номи ту бод,
Парвозгаҳе ба мурғи илҳоми ту бод.
В-он пираҳани арӯсии Зебунисо
Зебову хушоянд бар андоми ту бод.

# ТАМАННИЁТ
## ба дӯстону пайвандон

### Ба Содиқи Назрӣ

Таманно дорам андар зодрӯзат,
Ки бинам ҷовидонӣ шодрӯзат.
Ба ранги хонаи хуршед умре
Раҳат испеду равшан бод рӯзат.

### Ба полковник Искандари Ғаберӯдӣ

Аз авҷи сипеҳри родмардию шараф
Бар дӯшу барат ситораборак бодо.
Шаҳбаччаи дар чилла будӣ то имрӯз,
Ин «чиллагурезак»-ат муборак бодо!

### Ба Шарофат

Эй тозаниҳол, дур аз офат бошӣ,
Сарсабзу ҷавону ботароват бошӣ.
Номат ки Шарофат аст, то ҳаст ҷаҳон,
Афрӯхта бо нури шарофат бошӣ.

### Ба Сӯҳроби Олим

Худо бидҳад туро умри дарозе,
Саодат, обрӯю сарфарозӣ.
Ризои мо бародарвор ин аст,
Ки халқ аз ту, ту аз халқат бинозӣ.

## Ба Замира

Туӣ ҷону дили одам, Замира,
Набинӣ ҳеҷ дарду ғам, Замира.
Барои дӯстон – сарчашмаи меҳр,
Барои тифлакат Замзам – Замира.

## Ба Абдувалӣ

Тифлон самари боғи нишотанд туро.
3-он беш, идомаи ҳаётанд туро.
То ҳамчу уқоб пар занӣ, Абдувалӣ,
Сӯҳробу Зулайхо ду қанотанд туро.

## Ба Гулрухсору Моҳрухсор

Илоҳо хурраму фархунда бошед,
Чу Гул хандон, чу Маҳ рахшанда бошед.
Ба бахти волидайну ҷумла ёрон
Ба номи некатон арзанда бошед.

* * *

Ин ҷашн муборакат, ки чилсола шудӣ,
Аз нав ба ҷамоли зиндагӣ вола шудӣ.
Дар сӣ будаӣ асири як «хонуми сабз»[1],
Чилсола шудӣ, асири қингола шудӣ.

[1] Хонуми сабз – ибораи устод Лоиқ.

* * *

Зодрӯзи ту муборак бошад!
Шодрӯзи ту муборак бошад!
Шуд фурӯзон дилам аз дидорат:
Дилфурӯзи ту муборак бошад.
Нозбардори туам, ноз бикун,
Нозунузи ту муборак бошад.
Боз ҳам соз маро, сӯз маро,
Созу сӯзи ту муборак бошад.
Бод, илоҳо, ҳама шабҳои ту рӯз,
Ҳама рӯзи ту муборак бошад!

* * *

Ҳарчанд висоли ту на бар коми ман аст,
Ёди рухи ту таҷаллии ҷоми ман аст.
Аз бахт ҳамин бувад тасаллои дилам:
Номи ту ҳамеша дар бари номи ман аст.

## ЁДИ АФСОНА

Оҳ, ай хонуми гарму ширин,
Туйи дил ҷӯши сафо овардӣ.
Виси ман бош, ки гаштам Ромин,
Сояи лутфи Худо овардӣ.
Офтобе шудию банда – Замин.

Арз бинмоямат, инак, розам:
Толиби давлати дидори туам,
Орзу ҷуз ту намепардозам,
Як ҳавоҳоҳи сазовори туам.
Ёди афсонаи рӯъёи яқин…

# СОЯДАСТҲО

## Дар китоби «Панҷаи хуршед»

Бо камоли орзумандию ҳусни эҳтиром
Ин китоб эҳдост бар устод Оймаҳмад Ғулом.
Он, ки умре солики роҳи тамаддун буду ҳаст,
Он, ки қадри одамӣ медонаду қадри калом.

## Дар китоби «Анҷумани дидор»

Ин номаи назмро, ки баргест
Аз боғи муҳаббату садоқат,
Тақдими азизи ҷону дил кард
Гӯяндаи «Нӯшбоди Ваҳдат».

## Дар китоби «Шарфаи пои ошно»

Ба он духте, ки дар хилқат заминӣ,
Ба он духте, ки дар машраб сипеҳрист,
Зи боғи табъи аҳли завқу маънӣ
Ҳамин як нома чун гулбарги меҳрест.

## Дар китоби «Меҳрномаи Душанбе»

Туро ин номаи меҳри Душанбе,
Бувад як ҷазба аз сеҳри Душанбе.
Ки хуррам бошадат дил чун дили ӯ,
Ки бошӣ сабз чун чеҳри Душанбе.

## Дар китоби «Наврӯзи Роғун»

Бидорӣ то фурӯзон чеҳри субҳафрӯзи гулгунро,
Гузорӣ то ки ҳайрон меҳри ҳиҷронсӯзи гардунро,
Дар ин наврӯзгаҳ то ҷовидон бошем бо ҳам сабз,
Нигоро, пешкаш месозамат «Наврӯзи Роғун»-ро.

## Дар китоби «Бахтофарин»

Туро ҷоно, ки дил гавҳаршиносу покбин бошад,
Чунин як шаҳкитобе ҳадяи волотарин бошад.
Аминам ман,  ки ҳаққи интихоби бахт тазмин аст
Ҳар он касро, ки чун ту соҳиби «Бахтофарин» бошад.

# ДАР ҲОШИЯИ НАШРИЯҲО

## Рӯзномаи «Ҷумҳурият»

Дороии одамӣ фақат ҳуррият аст,
Боқӣ ҳамаи моли ҷаҳон орият аст.
Оне, ки зарур аст туро, ҷони падар,
Ҷумҳурият асту боз «Ҷумҳурият» аст.

## Рӯзномаи «Садои мардум»

Дар ҳар варақаш нидои мардум бошад,
Дарди дилу муддаои мардум бошад.
Барбод намеравад садои мардум
То нашрияи «Садои мардум» бошад.

## Рӯзномаи «Чархи гардун»

«Чарх» аст ғизои маънавие бари ман,
Бе он зи гуруснагӣ бичархад сари ман.
Гар даст ба дасти мо начархад рӯзе,
Гардун, ба яқин, ки монад аз чарх задан.

## Рӯзномаи «Нидои ранҷбар»

Сано бодо «Нидои ранҷбар»-ро,
Ки сомеъ кард чандин гӯши карро.
Нидо дорад: набардоред, ёрон,
Дигар нозу адои ганҷбарро!

### Рӯзномаи «Роҳи умед» («Нақлиёт»)

То «Роҳи умед»-и халқ обод бувад,
Моро лаби хандону дили шод бувад.
Он сон, ки ба Бесутун барорад ҷӯе,
Ҳар кас, ки бароварад-ш, Фарҳод бувад.

### Рӯзномаи «Иқтисод ва андоз» («Боҷу хироҷ»)

Оне, ки ба мо ҳамдаму ҳамроз бувад,
Чун ёри қарин анису дамсоз бувад,
Ҳамчун дари дӯст сафҳааш боз бувад,
Номи хушаш «Иқтисоду андоз» бувад.

### Рӯзномаи «Барги сабз»

Маро гар дӯст медорӣ ту, эй ёр,
Агар афтад гузорат сӯи бозор,
Наёвар баҳри ман садбарги сурхе,
Ба ҷои он фақат як «Барги сабз» ор.

# ДАР ҲОШИЯИ КИТОБҲО

**Дар китоби «Сӯзи дил»**

Эй ғамгусори миллат,
Эй бурдбори миллат.
Бошӣ ҳамеша сарсабз
Дар навбаҳори миллат.

Монанди Шайхи Шероз
Умри дароз мебин.
Дар корзори эҷод
Пирӯз бош.
Омин!

**Дар китоби «Рӯ ба меҳроби Ватан»**

То рӯй ба меҳроби Ватан овардӣ,
Бар аҳли Ватан яшти сухан овардӣ.
Ҳақдор будем агарчи як дастаи гул,
Аммо ту ба мо чаман-чаман овардӣ.

**Дар китоби «Фарёдҳо дар танҳоӣ»**

Туву фарёдҳо дар кунҷи танҳоӣ,
Ману сӯзи сукут андар миёни ҷамъ.
Ту мехонӣ ба тифли ғусса лолоӣ,
Ман аз лолоиат гирён ба сони шамъ.

## Дар китоби «Исми шаби ишқ»

Ҳавво магар аз хотири Одам биравад?
Таҳмина магар зи ёди Рустам биравад?
Гар рӯзи таваллудам равад аз ёдам,
«Исми шаби ишқ» ҳам зи ёдам биравад

## Дар китоби «Оинаи ҳамроз»

Фархунда ҳамон, ки дам зи фарҳанг занад,
фарҳанги Аҷам.
Абрӯи арӯси назмро ранг занад
бо нӯги қалам.
Гӯ, бишканадо айнаки танқидгаре,
кӯтаҳназаре,
К-«Оинаи ҳамроз»-и туро санг занад
аз рашку алам.

## Пешнависи куллиёт

Ин дафтараки назм, ки мондам мерос,
Чун моли ҳалол аст бафайзу барака.
Бигзор, ба ворисон – ба аҳли ихлос
Мавлои замонааш намояд тарака.

# КИТОБАҲО

## Дар идораи молиёт

Шаҳроҳи мубораки адаб паймуда,
Пири хиради боҷварон фармуда:
Маънии ҳаёти ту дар осоиши туст;
Андоз бипардозу бизӣ осуда.

Эй боҷсупоранда, ба чӣ аҳволӣ?
Аз бобати пардохт чӣ фориғболӣ.
Худ карда ниҳон даромадат аз давлат,
Аз нозири андоз чаро менолӣ?

Андоз ҳақи касони барҷомондаст,
Аз ҷумла ҳақи ятиму танҳомондаст.
Ҳар кас, ки шавад зомини ҳаққи дигарон,
Ҳаққо, зи савобҳои дунё мондаст.

Андоз супорем, ки андоз, эй дӯст,
Як саҳми ватанпарастие аз ману туст.
Андоз бувад обу ғизо, мулк – ниҳол,
Аз обу ғизо ниҳол дар рушду нумӯст.

## Дар пояи муҷассамаи Темурланг

Дунёи фарохро ба чашми тангаш
ин тирашугун
Бад дидаву кӯбида ба қалби сангаш,
афканда ба хун.
Паймуда раҳи дарози таъриху кунун
бар ин поя
Боло шуда чолок ба линги лангаш
аз қаъри қурун.

## РУБОИЁТ

Аз кӯҳи Ватан касби матонат кардем,
То бо каму ғам шикебу тоқат кардем.
Омӯхт ба мо софдилӣ чашмаи ӯ,
Ҳар санги варо санги қаноат кардем.

Дар сина дилам ҳамдами Меҳан бошад,
Шомии шаби ман ғами Меҳан бошад.
Дар мулки ғарибӣ ӯ бувад қибла маро,
Саҷҷодаи ман Парчами Меҳан бошад.

Аз шаҳри мусофирӣ чиҳо овардам?
Дар чеҳраи заъфарон тило овардам.
Дурдона зи ашки ғурбату дастовез
Ду халта ба зери дидаҳо овардам.

Эй дӯст, биё, агар мусулмон бошем,
Мо якдилу якназар мусулмон бошем.
То чанд бурем решаву хадраи хеш?
То кай ману ту «табармусулмон» бошем?

Эй мояи фахру пояи давлати ман,
К-аз давлати туст ин ҳама савлати ман,
Аз бодияи низоъ бар мулки ризо
Хуш омадӣ, эй халқи ман, эй миллати ман!

Тоҷикаму тоҷи хусравӣ дорам ман,
Билқувва ҷаҳони маънавӣ дорам ман.
Бокам набувад аз даду девон, зеро
«Девони Кабир»-и Мавлавӣ дорам ман.

Шукронаи хоки Тоҷикистон дорем,
Ҳиммат ба раҳи саодати он дорем.
Дар ҷодаи эҳёи диёри падарон
Мо такя ба нирӯи ҷавонон дорем.

Аз як назарат ба банда ниме кофист,
Аз кӯҳи иноятат насиме кофист.
Гар во нанамояд дари сахташ сим-сим,
Боронаки нарми сим-симе кофист.

Сабзина, маро ҳаётӣ, аз марг магӯ,
Аз фасли хазону резиши барг магӯ.
Гар тарк бигӯӣ-ш, дилам метаркад,
Аз баҳри Худо, дили маро тарк магӯ.

Сабзина, ки паймони вафо мешиканад,
Армони дили маро куҷо мешиканад.
Он домани чормағзи пуче, ки бидод,
Бо санги дилаш бар сари мо мешиканад.

Сабзина, биё, дар лаби рӯде бошем,
Дар пардаи роз тору пуде бошем.
Бошам ман агар шеър, ту оҳанги манӣ,
Шуд фусати он, ки мо суруде бошем.

Сабзина, биё, файзи баҳоронам бош,
Ман сӯхтасабзаам, ту боронам бош.
Ин кишти маро мадеҳ ту бар боди фано,
Эй офати ҷон, офияти ҷонам бош.

Сабзина, ба ман ҳадя шакарханде кун,
Як дам бинишин бо ману хурсандӣ кун.
Сад бор зи пеши хонаат мегузарам,
Як бор маро «ҷаҳди самарқандӣ» кун.

Дар ишқи ту, сабзинарухи такфонӣ,
Шуд синаи ман танӯраки тасфоне.
То кулчаи рӯякат ба он часпонӣ,
Кофист, ки рӯи синаам сар монӣ.

Эй дил, дили овораю саргаштаи ман,
Сабзинасуроғ дар ба дар гаштаи ман.
Оне, ки зи рафтаҳои ман баргашта,
Бечора туиву бахти баргаштаи ман.

Сабзина, рухат кирои дидан дорад,
Лаъли лабакат зеби макидан дорад.
Гоҳе, ки салому пурсупосам бикунӣ,
Сад ошиқат аз рашк кафидан дорад.

Сабзина, чӣ пурсӣ ба чӣ ҳол аст дилам,
Аз доғи фироқ хол-хол аст дилам.
Берун чу фитодам аз дарат, қуфлсифат
Умрест, ки бар дарат кашол аст дилам.

Момои Адолат, мурамо дар қадамот,
Ман хондаму баркамол гаштам ба дуот.
Акнун дари хонадони Сабзиная кӯб,
Моҳонаи аввали ману як сарупот!

# ДУБАЙТИҲО

Биё, ёро, ки бо ҳам роз гӯем,
Зи ҳар анҷоми нек оғоз ҷӯем.
Ба рағми тирамоҳи зардгуна
Чу гулҳои баҳорӣ боз рӯем.

Чу ишқи ман ҷавон монӣ, илоҳо,
Чу лола арғувон монӣ, илоҳо.
Манам як нахли ишқ, эй мурғаки бахт,
Ту дар ман ошён монӣ, илоҳо.

Самоят босафо бодову равшан,
Заминат босахо бодову гулшан.
Дуо дорам ба шукри ҳар нигоҳат:
Нигаҳбонат Худо боду дили ман.

Ало духтар, туро меҳмонам имшаб,
Хушо, к-андар барат мемонам имшаб.
Ба шукри бӯсаҳои шаккаринат
Ба ту шеъри дарӣ мехонам имшаб.

Нагуфтам бо ту розамро, дареғо,
На ҳам сӯзу гудозамро, дареғо,
Ало ишқи ҷавонӣ – қиблаи дил,
Қазо кардам намозамро, дареғо.

Кӣ бар ин остон моро кашидаст?
Чӣ бар ин ошён моро кашидаст?
Ба дарёи дилу холи лабонат
Насиби обу дон моро кашидаст.

Ба сеҳри нағмаю созу тарона
Дил аз ман бурдӣ, эй духти фасона.
Надонам, бо раҳи нобоби ағба
Чӣ сон дил бозмегардад ба хона.

Ту баҳри ман муҳаббат кардӣ эҳдо,
Гули бахту саодат кардӣ эҳдо.
Ба дунёи дилам шӯри қиёмат
Басо з-он қадду қомат кардӣ эҳдо.

Ало шаҳмисраъи ногуфтаи ман,
Расӣ бар хотири ошуфтаи ман.
Чу меҳмони азизе ногаҳонӣ
Дарой хонаи норуфтаи ман.

Дар ин дунёи рӯъёю фасона
Намонад ҳеҷ чизе ҷовидона.
Равад накди ҷавонӣ аз кафам, лек
Фақат ишқи туам монад нишона.

Ало эй нозанини курташоҳӣ,
Лаби дарёча ойӣ ҳар пагоҳӣ.
Маро, зоро, бисозад майдамоҳӣ,
Фитам дар кӯзаи обат, илоҳӣ.

Чу ҳар гоҳе такаллум мекунӣ ту,
Аҷаб ширин табассум мекунӣ ту.
Ҷаҳони зулматистони диламро
Мунаввар ҳамчу анҷум мекунӣ ту.

Туӣ бахти сафедам, эй сияҳмӯ,
Туро ҷӯяндаам, эй бахти некӯ.
Манам тақдири ҳакки ту, аз ин рӯ,
«Тану ҷони ману тақдири ҳақ!» гӯ.

Биё, ду кавкаби пурнур бошем,
Ба зери гунбади маъмур бошем.
Битасфад то ки базми зидагонӣ,
Биё, ду тори бо ҳам ҷӯр бошем.

Баҳори равшани гулпӯшам омад,
Зи дур оҳанги най бар гӯшам омад.
Шудам ман хонадомоди табиат,
Арӯси шеър дар оғӯшам омад.

Ало эй пуштакӯҳи Хоҷамастон,
Нишемангоҳи Рустам – пури Дастон!
Матину пойдорӣ ҷовидона
Чу рӯҳи бешикасти Тоҷикистон.

Ба ту ман бо дубайтӣ роз гуфтам,
Каме эҳсоси дилро бозгуфтам.
Ҳар он чӣ гуфтамат, гуфтам чу ошиқ,
На ҳамчун қофияпардоз гуфтам.

Биё, эй ҳамватан, бо ҳам бихандем,
Ба рағми ғусса, қасди ғам бихандем.
Чу хандон офтоби сулҳ бар мост,
Ба шукри хандааш мо ҳам бихандем.

# Н Ӯ Ш Х А Н Д



## САФАР КАРДАМ БА МАРҒЕЛОН

*Дар Марғелон – нонҳо «ғелон»*
*(Мақоли тоҷикӣ)*

Баҳорон, ҷӯраҳои ҷон,
Сафар кардам ба Марғелон.
Бидидам гирдаҳои нон,
Дар он ҷо ҳар тараф ғелон.

Ба худ гуфтам, ки «корам панҷ,
Насиби ман бишуд ин ганҷ.
Чӣ хуш, нон ёфтан бе ранҷ
Дар ин ҷо будааст осон».

Ду сӯ ёзонда ду дастам,
Сари «нонроҳа»-е шистам.
Чу пеши сели нон бастам,
Зи нон шуд кӯҳ дар як он.

Ба чолокӣ ҳама нонро
Даруни халта кардам ҷо,
Ба сӯи Тоҷикистон роҳ
Гирифтам хурраму шодон.

Чу рафтам саҳл болотар,
Бидидам мӯъҷизе дигар:
Дарахтонро ба шох-андар
Дулору марка овезон.

Дарахтонро биларзондам,
Расо доллар бияфшондам.
Ба зери пул дармондам,
Бигардидам нафасгардон.

Ба худ гуфтам: «аз ин ҷо нон
Кашондан кай бувад осон,
Агар пул ҳаст дар ҳамён,
Харидорӣ варо битвон».

Аз ин рӯ, рехта нонро,
Ба ҷояш карда пулро ҷо,
Гирифтам бори дигар
Ба сӯи кишварам, ёрон.

Ба дӯшам халтаи доллар,
Ҳазор андешаам дар сар,
Кушодам вокзалро дар,
Бирафтам ҷониби перрон.

Баногаҳ полисе зардак
Ишорат карда бо калтак,
Бигуфто: «Ист, эй мардак,
Куҷоӣ ин қадар тозон?

Нишон деҳ ҳуҷҷати худро,
Даҳони халтаро бикшо!
Низоми рафтуомадро
Чаро бинмудаӣ вайрон?!»

Аз ин фарёди хашмолуд
Паридӣ кайфу кайкам зуд.
Баромад аз димоғам дуд,
Бимондам сокиту ҳайрон.

Сипас он мардаки полис,
Қапид аз халта бо як хез,
Бигуфто: «Сабр кун, нагрез,
Вагарна мешавӣ зиндон!»

Кушодам чашм аз осоиш,
Бубинам: бар сарам очеш.
Қапида сахт аз болиш
Чу он полиси Марғелон.

Ба ман мегуфт бо шиддат,
Ки «ними ҳашт шуд соат,
Бихез аз бистари хобат,
Ки ноне нест рӯи хон!»

## ҚАТТИҚИ ОШИ ЗАНУ ШӮ

Донӣ, ба чӣ остони дар механдад?
Бар ҷанги зану шӯй, нигар, механдад.
Бинӣ нахалон байни зану шӯй, ки буз
Бар ҳоли ту мегиряду хар механдад.

Қаттиқ чу ба оши зану шавҳар бишавӣ,
Туф ношуда қоқ. каллаи хар бишавӣ;
То ҷогаҳи хоб аст низои зану шӯ,
Хуфтан ки шавад, бо чӣ баробар бишавӣ?

Ҳарчанд ки шӯю зан ба ҳам бистезанд,
Охир ба куҷо зи ҳамдигар бигрезанд?
Бинӣ саҳарӣ, ки тифлаконшон сари хон
Чун шаккару шир ҳардуро омезанд.

Меҳмон, ки ба хонадон қадам бигзорад,
Худ бехабар асту оштӣ меорад.
Ду «ҷангӣ» аз ӯ роз ниҳон медоранд,
Пеши қадамаш зи ханда гул меборад.

Ҳамшираи ҷон, гирам агар қоқ бурут,
Беҳ з-он, ки шавам қаттиқи оши туву шӯт.
Қаттиқ хоҳӣ, бирав маҳалли Якатут,
Мо қаттиқи бударо бикардем қурут.

## ЗИҲӢ, ЧОЙПУЛӢ

Эй чойпулӣ, чойпулӣ, чойпулӣ,
Ман бе ту чӣ сон роҳ кушоям ба диле?
Бе ту нашавад кушода банде, чигиле;
Нохун ба кушоди гираҳӣ, чойпулӣ.

Бе чақ-чақи ту кори касе соз нашуд,
Бе тақ-тақи ту даре ба кас боз нашуд.
Ё боз шуду лақ-лақе оғоз нашуд;
Ту равғани ҳалқу манаҳӣ, чойпулӣ.

Бе ёрии ту мушкили мо чора надошт,
Сад зора кунем, бар диле кора надошт.
Як зӯри туро ҳазору як зора надошт,
Бар ҷумлаи меҳтарон меҳӣ, чойпулӣ.

Бо як шата сад ғурурро мешиканӣ,
Сад фитрати носабурро мешиканӣ.
Бас гардани муштзӯрро мешиканӣ,
Якбора чу боло бичаҳӣ, чойпулӣ.

Бо ҷилваю худнамоии андаки ту
Афтода чӣ дилҳост, ки дар бандаки ту.
Ширинию дилфиреб, ҳарчанд ки ту
Чун духтари лӯлӣ сияҳӣ, чойпулӣ.

Гоҳе ту хаёлу хобро мемонӣ,
Аз дур гаҳе саробро мемонӣ.
Не, не, ба масал ту обро мемонӣ,
Обӣ, ки кашандат аз чаҳе, чойпулӣ.

Аз дасти ту дар мағозаҳо чой намонд,
Гӯё ки ба чойхонаҳо ҷой намонд.
Аз пушти ту ҷумларо пару пой намонд,
Дар ҳар қадаму ҳар нигаҳӣ, чойпулӣ.

То бо ту кафи фалончаро пур кардем,
Як роҳи дарозро миёнбур кардем.
Бар манзили мақсуд ту аз даври қадим
Як роҳи қарибу кӯтаҳӣ, чойпулӣ.

Як зумра туро ном барад «доди Худо»,
Гӯё будаӣ ба нафси бад қарчақудо.
Аммо будаӣ зиндаҷудо, мурдаҷудо
Бо ҳайсияту худогаҳӣ, чойпулӣ.

Дар нисбати ту он, ки «ҳаром аст» бигуфт,
Барқасд бигуфт, ё ки сармаст бигуфт.
Ку рост бигӯ, кадом чапдаст бигуфт:
Бояд ки ба дасти чап диҳӣ чойпулӣ?

Бигзор, ки вақ-вақ кунад ӯ мисли бақа,
Валлаҳ, ки дуош мекунам сетабақа:
Рӯзаш ба маош монаду бо нафақа,
Шинад зи маҳе то ба маҳе, чойпулӣ!

Гӯянд касон, ки «кулли явмин батар аст»,
Ин гуфтаи як-ду тан ҷаҳонбехабар аст.
Бо ту ҳамаи «дурнамо»-и башар аст,
Аз туст ҳама рӯзбеҳӣ, чойпулӣ;

Ман як рагу ришта будаму қоқу хароб,
Рӯзам ба пиёба монда буду шакароб.
Парвард маро бо палаву сихкабоб,
Овард ба хомфарбеҳӣ чойпулӣ.

Эй ҷони амак, чойпулӣ бахшу ситон,
Ин қоидаро ба бачаҳо ҳам бирасон:
Бидҳанд агар, бигиру бар субҳ намон,
Аммо надиҳӣ ба бегаҳӣ чойпулӣ.

Эй чойпулӣ, чойпулӣ, чойпулӣ,
Рангину варақ-варақ ба монанди гулӣ.
Ҳаргиз нашавӣ кам, баракаллоҳу бале!
То ҳаст ҷаҳон, бош! Зиҳӣ, чойпулӣ!

**Ҷавоби Мулло Мушфиқӣ:**

Шеъре ки супурдаӣ, бувад дар дастам,
Ҳоло, ки камина сармуҳаррир ҳастам,
Чопаш накунам, ба ҳурмати чой қасам,
То бар кафи дастам наниҳӣ чойпулӣ!

## МА, КИ ДИДУМ ТУРА ДАР ГУШАИ БОМ

*(Ҷавобияи ҳазломез ба як суруди халқӣ)*

Ма, ки дидум тура дар гушаи бом,
Шид гумонум, бача, кафтарбозӣ.
Ту, ки қошум напаронӣ, бачаҷон,
Ма чӣ донум, ки ту духтарбозӣ?

Гила дорӣ, ки садоят накадам?
Оҳ аз он коҷалаи чашмкабуд!
Янгама руш сияҳ! Нон занадам,
Бахудо, дар даҳанум нос набуд.

Баъди ҷанҷол ба ҳамсояи чап,
Ки ҳама халқи Худо медона,
Баъди ун урраву ун шаппошап,
Ту худут гуй, садо мемона?

Чӣ кунум, чӣ кунум,
Ёри нодона бубин.
Даҳани то буни гушу
Лаби хандона бубин.

Чухт будӣ ту дар он гушаи бом,
Да қаду басти дрозут бумурум,
Назадӣ чашмакие ҳам, бачаҷон,
Ё хиёлут, ки ма суратгирум?

Нигаҳут мекадуму рости гап,
Чӣ кунум, ҷура, нашид ҳеҷ мамент.
Духта бар маву ту – росту чап
Буд ду чишми «Каломбо»-и агент.

Мезана чарх сарут, медонум,
Баски бемор ту ай ҳаҷри манӣ.
Боми мо, дидӣ, буландай, ҷонум,
Бохабар бош, ки дар таҳназанӣ.

Чӣ кунум, чӣ кунум,
Ёри нодона бубин.
Даҳани то буни гушу
Сафи дандона бубин.

# РАНГҲОИ ЗИНДАГӢ

## Ниёиш

Сохтам байте барои «Хонадон»[1],
То зияд осудаю хушдил дар он.

Қолии он аз нахи дил бофта,
Пардаҳои равзанаш аз тори ҷон.

Ончунон байте, ки бобаш доиман
Боз бошад бар рухи ҳар меҳмон.

Кулчаҳои рӯи инсонҳо бувад
Нозу неъматҳо варо бар рӯи хон.

Нуқлу нӯшаш ҳазлу хушгӯиву лутф
Бо рубоиёти ширину равон.

Бо умеди он ки аҳли байти мо
Ҷумла бошад байтпарвар, шеърхон,

Баркушо дасти дуо, эй пири кор,
То абад ин байт бошад дар амон!

## Ашки арӯс

– Ин шабнами субҳ ё худ абри гузар аст,
К-аз он рухи нав-арӯс гулбарги тар аст?
Шодист дар он нуҳуфта ё худ ғусса?
– Ҳардуст, валек аввалӣ бештар аст.

---

[1] «Хонадон» – саҳифае аз ҳафтgriномаи «Чархи гардун».

**«Зилзила»**

Ду ҳалқа ба ҳам шуданд сарсилсилае,
Ду сар ба ҳам омаданду шуд оилае.
Дарёи ду дил канда шуду рехт ба ҳам,
Дар хиттаи ишқ то бишуд зилзилае.

**«Сарсахтӣ»**

Духтар ба масал санги фалахмони Худост,
Меафканадаш ба ҳар саре, к-ояд рост.
Якташ ба сари мо заду ҳарчи накафонд;
Сарсахтии мо мояи хушбахтии мост.

**Мастӣ**

Одам чу ба ин даҳри дудар меояд,
Дунёи умедҳо ба бар меояд.
Аз бодаи зиндагӣ чунон сармаст аст,
К-аз пой фитодаву ба сар меояд.

**Ҳасрати бевазан**

Қурбаққаи вақ-вақӣ, ки шӯ доштааст,
Дар кӯлмаки худ обрӯ доштааст.
Гулмоҳии хомӯш, ки дорад сари қоқ,
Сад таъна ба сар зи аҳли ҷӯ доштааст.

**Дар рӯзи акди никоҳ**

Имрӯз, ки бахт сӯи мо механдад,
Ширин-ширин ба рӯи мо механдад.
Дил неву тану нафс ба ҳам мебахшем;
Шояд ки ба ҳоли дуи мо механдад?

## Бахти лодаханд

Худ як сарию ҳавои чанде дорӣ,
Гаҳ бахти сафеду гаҳ баланде дорӣ.
Хушбахт шудӣ? Бахти ту аз нав хандид?
Валлоҳ, чӣ бахти лодаханде дорӣ!

## Иқрори зани дуюм

Кай шавҳари кас, дугона, шавҳар гардад,
Зӯҳр ояду аср ношуда баргардад.
Даҳ соати хоби рӯзу як соати шаб;
Ин даҳ ба яки ту кай баробар гардад.

## «Насиҳат»-и модар

Хоҳӣ нашавӣ, духтаракам, хору ҳақир,
Дар оила шоҳ бошию табъвазир,
Дар дӯзахи рашки шӯ насӯзӣ ҳама умр,
Аз рӯзи нахуст алови чашмашро гир!

## Алов, пахол ва шамол

Қайсангилу янга чун алованду пахол,
Часпанд, ҷудо карданашон амри маҳол.
Гӯ, каппаи янгаҳо ҳама дуд бикард,
Хушдоман агар вазад зи боло чу шамол.

## «Мактаби олӣ»-и обутоб

Эй ҷӯраи ҷон, хоҳӣ агар мех барин
Марде бишавӣ ғаюру ҷонсахту матин,
Аз хизмати аскарӣ, ки фориғ бишудӣ,
Як сол (тавонӣ) хонадомод нишин.

## Гилаи хушдоман

«Гӯянд, ки домод ҳам аз авлод аст»,
Ин гуфта валек пучу бе бунёд аст.
Домод ба кас намекунад фарзандӣ,
Ҳар навъ ки хонияш, ҳамон домод аст.

## Манзараи одӣ

Ҳар гоҳ, ки барфи майдае меборад,
Ин манзараро ба ёди ман меорад:
Келини ҷавон ба рӯ упо мезанаду
Хушдомани пираш ордбезӣ дорад.

## Гуфтугӯи қудозанҳои ҳабаш

Мо ҳарду қудо шудем бо рӯзи умед,
З-ин рӯ, бачаро, кудо, насиҳат бикунед;
Ӯ духтари сип-сиёҳи хушрӯи маро
Гуфтаст ба дашном, ки: «э рӯт сафед!»

## «Сӯҳбат» боқӣ

Зан хонду бихонд он қадар варсоқӣ,
Шуд дилзанаку фитод марди соқе.
Чун «Ёрии таъҷилӣ» биёмад, зани мард
Ҳангоми гусел гуфт: «Сӯҳбат» боқӣ!

## «Ҷомашӯӣ»

Шаҳбача чу бар ҳавлии худ монд қадам,
Бас ҷома бидид бар сари тор банам.
«Фаҳмонд» ба ӯ арӯс: аем тӯйравон
Гуфтанд ба ман, ки ҷомашӯӣ бикунам.

**«Из»-и дуои зан**

То оташи хашмат ба сарам рехт фурӯ,
Пайдост дар он «из»-и дуои бади ту:
З-он «дар саракат алов!» гуфтанҳоят
Мемонд чӣ ҳам ба ғайри хокистари мӯ.

**Гуфтугӯи холаю хоҳарзода**

– Ин шӯи нави ту, хорзо, як бадмаст,
Нокорию ландаҳуру пири дар шаст;
Зеби ту магар дошт ҳамин ғӯли сиёҳ?!
– Не, холаи ҷон, суд сафедуш кардаст.

**Ташбеҳи «хатарнок»**

– Ин духтарамон қоқ зада ганда, дадаш,
Чун моҳии дудпухта. Тинҷист худаш?
– «Моҳӣ»-ш нагӯ, ки шавҳари бадмасташ,
Валлоҳ, ки бо пива газак мекунадаш.

**Ваъда**

Очеш, ту ҳар чӣ хоҳӣ, он мекунамат,
Ҷарроҳӣ фармуда ҷавон мекунамат.
Се чор «лимон» биёрӣ аз шаҳри Дубай,
Бар «Себай»-у «Чорбай» равон мекунамат.

**Ҳолпурсии «забондон»**

Аз кор чу баргашт «забондон»-амак,
Дар зери бағал папка, ба чашмон айнак,
Гуфто ба занаш (ки буд нотоб андак):
«Худҳискунӣ»-и шумо чӣ тавр аст, занак?

## Ҳукми «суд»-и хонадон

Бо бачаи хона ёр шуд одати бад;
Аз кӯча шабу нимашабон меомад.
Охир «суд»-и хонадонаш аз озодӣ
Маҳруми абад намуд: «Зан дода шавад!»

## Савоб дар гунох

Ушшоқ савоб дар гунаҳ ёфтаанд,
Дар деги сияҳ хирмани маҳ ёфтаанд.
Бас Робиаҳо бахти сафеди худро
Дар ишқи ғуломони сияҳ ёфтаанд.

## Шикваи олими ҷавон

Тақдир ба ман чӣ бозии «хушрӯ» кард;
Ҳам дил зи кафам рабуду ҳам бемӯ кард.
То номзади илм шудам, номзадам
Бе такяву бе ҳимоя монду шӯ кард.

## «Изҳорот»-и сулҳҷӯёна

Онеш, ба дил раҳ надиҳӣ сардиро,
Дигар накунӣ баҳона сардардиро.
Чандон накунӣ ҷанг, ки то хонаи хоб
Ҷорӣ бикунӣ қуюди шабгардиро.[1]

---

[1] Қуюди шабгардӣ – соати коммендантӣ.

## Тафсири мақоли халқӣ

«Аввал зану охир зану он гаҳ зану мард»
Фармуда яке оқили дар таҷриба фард.
«Аввал» – ҳама кори хона, «охир» – бозор,
«Он гоҳ» шаб аст… як бало хоҳем кард.

## Иқрори булҳавас

Аз дасти занони дилфиребу шаттоҳ
Ҳай шатта бихӯрдему нагуфтем «оббо».
«Ё ҳарду» бигуфтем ба ҷононаи нав,
Ӯ гуфт: бихестӣ, ки хобат, «ё… ё..!»

## Ҷавоби дандоншикан

Дирӯз бирафтам ба Саховат-бозор,
Дидам: санаме нишаста, лабҳо гули нор.
Гуфтам: «санамо, ту об кардӣ мара». Гуфт:
Эй «об», бишав аз назарам зуд бухор.

## Нимҷиддию нимшӯхӣ

Бо духтараке нозукаку сабзу тарак
Кардем рубоихонию байтбарак.
Гуфтам, ки: «чу такбайт яке бӯса бидеҳ»,
Хандиду бигуфт: «мешавад, дертарак».

## Ошиқи навбаромад

Сабзина, зи холи донаат мегардам,
Сад бор ба гирди хонаат мегардам.
Сад бор бигаштаму накардӣ назаре,
Бар қасди ту бо дугонаат мегардам.

## «Хушомад» ба сардор

Мо язнаву қайниву қудоем ҳама,
Бо ҳам бавафою ҷонфидоем ҳама.
Дар «ҳаллували» суд ҷудо ҳам бошем
Андар зали суд бо шумоем ҳама.

## Ошиқи қаноатпеша

Гар гул набувад, ба банда хоре кофист,
Сунбул набувад, ба ганда море кофист.
Аз лаъли ту бӯси обдоре нарасад,
Аз ҷаҳли ту мушти обдоре кофист.

## Бозори ҳамсоя – ҳамсоя

Рафтам пайи ҳоҷат дари ҳамсояамон,
Шуд паллатарозу ду қавоқи зани он.
Худро ба чунин дурӯғ таскин додам:
«Бозор, укаҷон, намешавад бемизон».

## Хаёли ширин

Эй ғиж-ғижи ғижжак, ин шаби маҳтобӣ
Ҳай деги хаёли хоми ман мекобӣ;
Гаҳ ғижжаси дар кушодани дасти нигор,
Гаҳ ғиж-ғижи ҷунбидани тахти хобӣ.

## Аз «ҷабҳа»-и ҷанг

Бар ғайрати журналистҳомон аҳсан
Мегӯяму сар фуруд меорам ман;
Ҷон дар сари як мӯй, гузориш бидиҳанд
Аз «ҷабҳа»-и ҷанги келину хушдоман.

**«Маслиҳат» ба журналисти ҷавон**

Эй ҳамқалами азиз, бепарда навис,
Ҳангомаю бозоргузар карда навис.
Аз дузанда то даҳзанаро бинвиштӣ,
Ин мартаба аз як зани «даҳмарда» навис.

**Мӯйи сафеди бармаҳал**

Барфе, ки фурӯ бар сари шӯ рехтааст,
Аз қошу қавоқи зан фурӯ рехтааст.
Барфе, ки ту дар пичаи зан мебинӣ,
Аз қошу қавоқи шӯи ӯ рехтааст.

**Бармаҳал рехтани мӯй**

Аз қошу қавоқ ҳар балое борад,
Дар мӯйи сари ҳамсар асар бигзорад;
Турдӣ сари тоси хеш хорида бигуфт:
«Аз қошу қавоқ жола ҳам меборад».

**Тасаллое ба ҷавони «мӯйсафед»**

Аз пирию омад-омадаш тавба нагӯ,
Гуфтӣ ту ба пеши ман, дигар ҷоба нагӯ.
Иксири замон «мош»-и туро кард «биринҷ»,
Ҳангоми палавхурӣ зи мошоба нагӯ.

**Рӯбарӯи оина**

Пешона накун ҷинҷу лабатро накун инҷ,
То мошу биринҷи сар бувад, ҳастӣ тинҷ.
Бар «хирман»-и ҳамсоя нигар, эй ношукр,
Як дона дар он на мош бинӣ, на биринҷ.

## Ба кӯса наханд

Ҳай пеш задӣ ба ину он, нешат рехт.
Аз бешу кам он чи доштӣ, бешат рехт.
Навриш будию кӯсаро хандидӣ;
Ман садқаи ришханди ту, ришат рехт.

## Ҳамрангии азалӣ

Бин, шӯю зан истода ба ҳам кифт ба кифт,
Якхелаву якфеъла, чӣ ҷое ба шигифт;
Рӯзе, ки Кулоли ғайб Инсон бисиришт,
Хоки зану шӯйро зи як тӯда гирифт.

## Ба муридони Ҳасани Аробакаш (ронандагон)

То хомаи Мирзо пайи тасвири шумост,
Таҳрири наве дар хати тақдири шумост.
Гиред Садафҷамолаконро (дар роҳ),
Зеро Ҳасани Аробакаш пири шумост.

# НИМХАНДАҲО

### Дарди бедаво

Аз линги сияҳбодзада то сари кал,
Аз каллаи бодхӯрда то линги качал;
Ҳарчанд ки кардем басе шӯру мағал,
Ҳар дард шифо ёфт, магар дарди маҳал.

### Буз кам – чаг-чагаш кам

Ин роҳи рама, бубин, чӣ пурпечу хам аст:
Буз баҳри рама хатар, ба чӯпон ситам аст.
Такя зада бар асо, шубонам мегуфт:
Буз кам бошад, чаг-чаги мо низ кам аст.

### Саволи бечо

Санбӯсаи гарм беҳ зи як бӯсаи гарм,
Ё бӯсаи гарм беҳ зи санбӯсаи гарм?
Бо духтари санбӯсапази нозуку нарм
Ин гуфта будам, ки лолагун гашт зи шарм.

### «Нирӯ»-и сулҳофарин

Аё бинӣ, шикастеро набинӣ,
Ки байни чашмҳо девори Чинӣ;
Мусаллаҳ гашта бо тӯпи думила,
Расо як нируи сулҳофаринӣ.

### Сомонӣ ва дирам

Дар киса туро агар бувад сомонӣ,
Дар зиндагиат бувад сару сомоне.
Дар ҷайб туро агар ки дирҳам бошад,
Корат ҳамагӣ дарҳаму барҳам бошад.

## Талаби имдод

Биншаста ба ёли хари ланге чапана,
Гаштем пайи робитаҳои ҳасана.
Часпид яке харкана моро ба тана,
Ин харканаро аз танаи мо кӣ кана?

## Даҳани «хунук»

– Ёрони қарин зи ман бирафтанд ҳама,
Бечора маро тарк бигуфтанд ҳама.
Карданд якояк ба баландиҳо ҷо.
– Мурданд-чӣ?
– Не, амал гирифтанд ҳама.

## Шабмонда

Ҳоло, ки нафаҳмидаӣ асли гапро,
Беҳуда чӣ бурма менамоӣ лабро?
Аз ағба хамидаӣ агар каллаи шом,
Валлоҳ, ки шаб гузаштаӣ Вешабро[1].

## Сӯҳбати бармен бо деҳқон

Агарчанде ки мо дуреем аз ҳам,
Кунад моро ба ҳам наздик пеша;
Ту мерезӣ арақ дар кор, ман ҳам;
Ту қатра-қатраву ман шиша-шиша.

## Ба гӯшҳо

Гунаҳ хезад зи дигар узвҳо ҳам,
Шуморо медиҳад сардор молиш.
Аё эй гӯшҳо, дар рӯи олам
Надоред иттикое ғайри болиш.

---

[1] Вешаб – деҳаест дар ноҳияи Айнӣ.

**Ҷавоби Интернет-хонум**

Гуфтам, ки: «Наташаҷон, я тебя люблю»,
Гуфто, ки: «Подумаешь, я люблю Колю!»
Гуфтам, ки: «Ақаллан адреси хоната гӯ»,
Гуфто, ки :«Трижди дабл ю, точка, РУ».

**Телефони мобилӣ**

Як даст ба гӯшему яке даст ба ҷайб,
Дар лақ-лақу чақ-чақем бо «олами ғайб».
Бартер ки шармро бикардем ба чарм,
Дар мазҳаби мо дигар на шарм асту на айб.

**Илтиҷо аз «ситора»-ҳо**

То чанд дар авҷи осмон месӯзед
Бо «фонағиром»-у техники билқувва?
Таҳтар бихамеду замзама омӯзед
Шабҳо зи «дуэт»-и гурбаҳои ғавва.

**Тангем**

Бигаштам  ошиқи ҷалтанги Тангем,
Ҳавас кардам канори танги Тангем.
Бидодам тангае, дураш ҳаво дод,
На инаш шуд, на онаш. Ҳайфи тангем!

**Ё ҳар ду**

Саримсоқ аз нахустин комсомолон,
Саримсоқ аввалин аз ҳоҷиён аст.
Садоқат дорад ӯ бар ҳар ду аз ҷон,
Кӣ мегӯяд, ки на ину на он аст?

### «Ҳаққи гумрук»

Аҷаб расме! Чу аз ин дори дунё
Ба марзи он ҷаҳон по мегузорем.
Дар ин сарҳад «ҳақи гумрук»-ро мо
Ба духтур ё ба мулло месупорем.

### Дар дӯкони китоб

Чу савдои китоби Соғариро
Бидидам дар дуконе, канд ҳушам.
Бигуфтам бар яке: «мехонӣ?» Ӯ гуфт:
«Тағоҷон, не, семечка мефурӯшам».

### «Дилсӯз»

Чу дидӣ ҳашмату карру фарашро,
Аз ин иқболи мардак рашкат омад.
Чу кардандаш ба пушти панҷара ҷо,
Кунун бар ҳоли мардак ашкат омад?

### Пурсуписи хонанда бо шоира

– Дерест надидастем дидори муборакро,
Кайҳост нахондастем ашъори қаторакро.
Илҳоми шумо шояд бадрашк шуда беҳад,
Русия фиристодед бечораи мардакро?

– То ҳаққи қалам надиҳанд, илҳом намеояд,
Бар ин сари шӯрида ором намеояд.
Илҳом-акотон ҳам занбоз шуда, шояд,
Занбоз ки шуд мардак, ҳар шом намеояд.

# ЗАБОНИ ҲАМДИЛӢ



***Сергей ЕСЕНИН***
*Руссия*

* * *

Рӯи ҳавзи гулоб ин бегоҳ
Баргҳои зарина пар-пар шуд.
Барг не, фавҷи шаҳпарак гӯё
Бол-афшон ба сӯи ахтар шуд.

Бохтам дил ба шоми зарҳалпӯш,
Дашти заргуна бӯи духтар дошт.
Панҷаи боди шӯх то бару дӯш
Домани нози тӯсро бардошт.

Фараҳе дар дил асту дар саҳро,
Рамаи барраҳост уфқи шом.
Чӣ хуш, аз тарфи чорбоғ диро
Мезанад бонгу мешавад ором.

Бар табиат камина гӯши шунид
Вақф ин сон накардаам асло.
Эй хушо, ҳамчу хадраи зарбед
Бизанӣ такя оби гулгунро.

Эй хушо, чашм бар ғарамбеда,
Бикунӣ кавша бо даҳони моҳ.
Ҳама мавҷудро писандида,
Ҳеҷ чизе нахоҳӣ аз дунё.

* * *

Пухт гелосу рехт барфосо,
Сабза ғарқ аст дар гулу шабнам.
Шӯрнӯлон дар ину он қитъа
Менамоянд хезушин ҳар дам.

Алафи сабз мекунад ҳим-ҳим,
Бӯи қатрон диҳад санавбарзор.
Эй чаманзору марғзорон, ман
Масту девонаам зи бӯи баҳор.

Розҳои ниҳони ширине
Менамояд дили маро равшан;
Дар сарам нест ҷуз хаёли арӯс,
Фақат аз ӯ тарона хонам ман.

Рез, гелоси ҷангалӣ, чун барф,
Бисароед, мурғакони чаман.
Ман битозам чу тавсану бо кафк
Ҳар тараф ранг афканам зи даҳан.

***Роберт РОЖДЕСТВЕНСКИЙ***
*Руссия*

## ПАЖВОКИ ИШҚ

Чун гарди ситораҳо нишинад ба само,
Аз бори самар чу навдаҳо гардад хам,
Ман мешунавам зи дур овози туро.
Мо акси садоем, бале, акси садо,
Як акси садои парфишон ҷониби ҳам.

Бошӣ ту агарчи дур аз дида маро,
Бо дил ба ту ман қаринаму ҳамбаданам.
Моро ба ҳам овард зи нав ишқ, хушо,
Мо отифаем ҳарду, мо отифаем,
Як отифаем ҷовидон нисбати ҳам.

Ҳатто ба ҷаҳони тираю тори фано,
Дар он сӯи марзи байни ҳастиву адам,
Мо ҳарду нахоҳем зи ҳам буд ҷудо;
Мо хотираем ҳарду, мо хотираем,
Як хотираи ситорасон равшани ҳам.

* * *

Тухммонӣ меравад озодмоҳӣ
ибтидои тирмоҳон...
Болҳояш
мехуранд албонҷ он сон ки ливо аз шиддати бод.
Меравад ӯ хобу хурро бурда аз ёд
бар ҳамон ҷӯе, ки он ҷо зодааст,
бар ҳамон обе, ки дар бар зиндагияш додааст.
Ҳамчу як ангиштбод аз халқи маъдан,
Ҳамчунон ки тавсане аз кӯҳдоман,
Ё ба сони баҳмане аз пӯштакӯҳе
мезанад бар зодгоҳаш хешро озодмоҳӣ.
Донаҳои бешумори тухм андар тухмдонаш
мекунанд ӯро геронӣ...
Тухм мемонад сипас ӯ
айнан он тавре ки арзандона ё мош
гардад аз як халтае ногоҳ барчош.
Дар раҳаш садду мавонеъро шикаста,
Шастҳову тӯрҳоро даргусаста,
Ончунонки бӯза аз мино шавад лабрез
андар базми синҳорию шоҳӣ,
Хешро ҳар сӯ зада, шӯридаву аз хеш раста,
Ибтидои тирмоҳон
Тухммонӣ меравад озодмоҳӣ...

Обшорон кафк бар лаб
Мехурад шӯру талотум мекунад,
Чун шароби тозае меҷӯшад андар хеш, гоҳе
К-андаруни ҷӯяи борику пуртазйиқу тангаш
ҳамчу нови яхшикан созад шино озодмоҳӣ.
Роҳи ӯ минбаъд бошад аз миёни сахраҳову сангҳо.
Синамолону шикамғеҷ

Тай намояд мосаю пастобҳоро,
Оқибат бигзашта аз шохобҳои пурхамупеч,
мерасад бар зодгоҳ,
То ба зери рег бидҳад тухмҳояшро паноҳ.
То дар он ҷо маргро бо ҷон пазирад,
Дар таваллудгоҳи худ осуда мирад.
Роҳи ӯ тай гашт, акнун пайраҳе дар пеш нест,
Рӯбарӯяш ҷӯяки борику танге беш нест.
Бар чунин тангӣ фитодан
сахту мушкилтар аз он бошад, ки афтад
риштае бар чашми сӯзан.
Ибтидои тирмоҳон
Меравад озодмоҳӣ тухм мондан...
Баъд рӯболо ба рӯи об мехобад
чунонки рӯи шиша қатрабороне битобад...

Зери чархи лоҷувардӣ,
Дар замини сабздоман
Мекунам оворагардӣ,
Менамоям сойирӣ ман.

Бехуду сармаст аз бӯи баҳорон,
Мезанам ҳай ғел рӯи сабзаву себаргазорон.
Гул ба рӯи каф гирифта ҳамчу соғар,
Мекунам дар шабнами нозаш димоғи хешро тар.
Лек наздики хазонрез,
Ибтидои фасли пойиз,
Дар ҳамон рӯзе, ки бо сӯз
Одамӣ бар сар гузорад дасти афсӯс,
Бо димоғу қалби ҳассос
Раъду барқи вопасинро карда эҳсос,
Ҳар куҷое бошам андар ин замини бесару бар.
Синамолону шикамғеҷ

Мерасонам хешро бар остонат,
Мениҳам бар даргаҳат сар.
Зонувони хунчакони хешро аз хуну аз хок
бо надомат,
бо лаби домони ҳасрат мекунам пок.
Аз ту мехоҳам нигоҳе,
Аз ту меҷӯям паноҳе...

Ибтидои тирмоҳон
Тухммонӣ меравад озодмоҳӣ.

***Левон АНАНЯН***
*Арманистон*

## ҚИСМАТИ ХУШКИДАЕ АЗ КӮЛИ СЕВАН

*(Муноҷот аз қаъри замон)*

Роҳи пургарду ғуборам мехурад
чун Аждари афсонавии ҳафтсар,
Кӯҳҳо ришханди талхам мезананду
фол гӯё мекушоянд:
«Ин ҷаҳонгардест андар соҳилони хушки Севан,
ё шиновар?»
Дар ҳамин пай,
андар он амвоҷи даври оббурда
Фавҷи моҳӣ дар шино буд ғарқ вакте,
Мезадӣ пулакчаҳои болҳошон барқ вақте.
Лек, инак, об гардида бухору
соҳилон лабташнаву навмед монда,
Ҷои оби кӯл ҷо-ҷо сахраи испед монда
Чун нишон аз лоуболиҳову дилсангии инсон...

Аврупоибонуи олуфтае – дарёшиносе
Ҳамчу ҷиннӣ мезанад фарёд, инак:
– Мебарам ин кӯлро ман, зуд коғазпеч соедаш,
армуғоние ба хоҳарзодаи шӯям.
Мекунад ӯ ҷамъ обанборҳои рӯ ба хушкиро ҳама умр.
Гар вуруди Иттиҳоди Аврупо хоҳед гардидан,
тамоми ёдгории табиатро
дар Аврупо бибояд ҷой дод.

Мо ба ҳадде аз муҳити зист андар изтиробем
к-аз барои хотири ҳифзи табиат ҳозир астем
халқҳоро кӯч бандонем аз иқлими аҷдод...

Ман басе мижгон ба ҳам бармефишорам,
Менадонам, ашк бошад ин
ва ё пулакчаи моҳии берунмонда аз об?
Мехалад бар дил маро ногоҳ хори изтироб...
Мешитобам,
то ки дар сомонаи гумкардаҳои миллати хеш
сабт созам як чунин хобу хаёле:
«Арманистон – махзани об».
– Охир ин кай кӯл бошад, хонумо, –
гӯям ба нимовоз айёрона, – бинед,
кӯл не ин, балки таъвизи наҷот аст.
Як назар созед ин икди зумуррадро,
ки аксаш дар сипеҳру ҷилвааш дар коинот аст.
Ваҳ, чӣ сон зебанда ояд
гардани симину софи аврупоии шуморо,
Балки як радномa ё тӯмор хоҳад буд
аз чашми баду шуми Вашингтон,
ки чу чашмони гирифторони беморӣи
бозедуф[1] алоянд,
Бар сари олам балоянд...

Ман ҳамон моҳистам,
моҳии берунмонда аз обам,
Метапам ҷон меканам,
андар азобам.

1. Бемории бозедуф (аз номи олими тиб Базедов) – як навъ бемории ғадуди гулӯ.

* * *

Тавсани ман, битоз чобуктар,
Дуртар бар маро зи ман чандон,
Ки маро имшабанд ҷонпайванд
Кулли махлуқҳои рӯи ҷаҳон.

Дуртар бар маро зи ман чандон,
То ба даргоҳи хонаи хуршед.
То набинам дигар ба танги ғуруб
Чашми пурхуни моҳро навмед.

Ҳамаро тарк мекунам, инак,
Боз дар ин шабони маҳтобӣ.
Ғарқи уммедҳои худ, аз нав
Меравам бар сукути бехобӣ.

Ҷумла махлуқ ҳамтабори ман анд,
Инак, он шӯру ғулғули маҳшар.
Мебарояд ба пешвозам шед,
Тавсани ман, битоз чобуктар.

***Совинар БАГДАСАРЯН***
*Арманистон*

## ЁДАТОНРО ДАР ДИЛУ ДАР ДИДА ДОРАМ

*Ба дӯстони тоҷикам*

Ман нахоҳам сӯхт он пайроҳаҳоро,
Ман нахоҳам руфт он пайҳои поро.
Мон, ки донанд ин ҳама фарзандгонам:
Ман нишон танҳо на бар онон бимонам.
Ҳамчунин монам нишон аз баҳри онон ҳам,
ки аз шодии дидор
Мешукуфтанду будӣ дар чашмашон
меҳре падидор.
Баҳри онон ҳам, ки ошиқ будаву ёди маро
доранд дар дил,
Баҳри онон ҳам, ки бар ман дода андар дида манзил.
Ҳам шумоёнро, ки уммедам бубахшидеду
кардастед некӯӣ нисорам,
Куллатонро дӯст дорам,
Ёдатонро дар дилу дар дида дорам.

***Максим ТАНК***
*Белоруссия*

## БА ОВИДИЙ

*Дар маҳалли Давид, дар табъид*
*Мурд Овидий аз ғами Меҳан.*
***Владислав Сирокомля***

Раҳнамунам боду абру фавҷи мурғони муҳоҷир,
Банда бас сайру сафарҳо кардаам дар рӯи олам.
Дидаам, аз ҷумла, мулки бостонии туро ҳам,
К-андар он ҷо
зери хоку гарди мармарҳои Колизейу Форум,
Байни эминмонда аз офоти даврон
Шаҳсутунҳои атиқи хиттаи Рум
Ёфтам ман пораҳои шеъри пур-овозаатро.

Дар куҷо бошад, вале, оромгоҳат,
нест маълум.
Тибр-наҳри тундмаҷро,
ҳамчунин
Дунайи андешавар,
к-ӯ замоне
сояи маҳзуни як марди ғарибе чун туро
ғамшарикона дар обаш менамуда ҷилвагар,
пурҳаёҳу кӯю барзанҳои шаҳри Констанса,
к-андар он ҷо як замоне
резанону дон ҳамепошидаӣ бар фавҷи кафтар,
ҳеҷ як з-инҳо, ки кардам ёд, ваҳ,
шоиро, аз хокҷоят нест огаҳ.

Хокҷоятро намедонанд, дардову дареғо,
наслҳои қавми сармат ҳам, ки вақте бахши онон
карда будӣ ту суруде чанд иншо
бо забони модаришон,
ки ба поси ин, чуноне ки ҳикоят мекунанд,
онон туро доданд инъом
пӯсти хирсу камоне.
Ҳамчунин қиматтару беҳтар зи ҳар чиз
духтари маҳпайкаре низ.
Балки мар-он духт буда,
ки тавониста туро мойил
кунад бар ин тарафҳо –
ҷониби мулки шимоли мо,
ки наҳри Парпиёташ
гоҳе аз соҳил бурун мерафта,
то шодоб созад ташнагонро.
Бешазораш
ғулғулафкан будааст
аз ҳазорон нойи шохи говмеш,
балки з-он беш.
Марғзору сабзазораш
з-озарахши бурҷи гулҳо
шӯълавар будасту рахшон,
Осмони зарнигораш
нурборон будааст аз бурҷи ахтарҳои тобон.
Баргузида оқибат ин сарзаминро,
ту накардӣ иштибоҳ.
Гарчи қисмат дуртар афкандат
аз оғӯши гарми зодгоҳ,
лек бо ин,
ҳамчунин
уфтодӣ дуртар аз тӯҳмату кин,
аз тамасхурҳои номардон,

зи ёрони дурӯғин.
Беш аз инҳо, чӣ беҳтар,
уфтодӣ дуртар
аз меҳрубонии шаҳаншоҳ,
ки ба қавли халқи белоруси мо,
лутфи шаҳаншоҳ
чун савори тотуи ланги алоест,
(к-эҳтимоли дар раҳу рӯ мурданаш ҳаст,
лек умеди то ба манзил бурданаш нест).

Ҳамчу ҳамрози қаринат
буд андар бар суруди вопасинат.
Ҳамчунин хомӯшие, ки аз пайи он
мешавад оғоз умри ҷовидон.

***Ҳамид ОЛИМҶОН***
*Ӯзбекистон*

## МУҲАББАТ

Ба ман гулдастае бахшида бо шарм,
Барои хотира , – гуфтӣ, – нигаҳ дор.
Маро андар гулӯ ях баст овоз,
Зи гулҳои ту дастам сӯхт, эй ёр.

«Ҷавонӣ чокари ҷанг аст имрӯз,
Хати тақдири ишқ андар кафи ӯст,
Муқаддас оташи пайкор акнун,
Азизам, имтиҳонгоҳи ману туст.

Вале гар барнагардам, – баъди ин ҳарф
Нигоҳат шуд пуропур аз нами ғам, –
Фаромӯшам макун». – ногоҳ шорид
Зи мижгонат ба рӯи гуна шабнам.

Наёристам бигирам роҳи ашкат,
Шунидам даъвати имони худро.
Ба гӯшам омад оҳанги маломат
Зи лутфу меҳрубониҳот, ёро.

Бале, ҷуз ин дигар раҳ нест моро,
Ба дигар пайраҳа рафтан нашояд.
Бирафтам баъди ту бар ҷабҳа ман ҳам,
Чунонки меҳр баъди маҳ барояд.

Зи ҳам пошид моро ҷанги манҳус,
Вале гулдастаат бо ман бимонад.
Кунун ҳар барги гул гашта забоне
Маро бар ҳифзи ному нанг хонад.

Чи қадре сахт бошад зарбаи ман,
Чи қадре ки биҷангам боҳарорат,
Расонад бӯсаамро бар лабат бод
Ҳамон андоза гарму пурмуҳаббат.

На, номи мо нахоҳад рафт аз байн,
Расад албатта рӯзи ғолибият!
Ватан моро қатори зиндагонаш
Бидорад поси хотир бо муҳаббат.

Шукуфад гул-гул аз нав Украина.
Бигардад хоки он бар ҳукми тилло.
Миёни бешаҳои хуррами Рус
Сароянд андалебон шаъни моро.

Ман он гаҳ мекашам сар мисли гандум,
Ба сони сабза мехезам баҳорон.
Кунад хуни ту гулро арғувонӣ,
Намояд сангро лаъли Бадахшон.

На, бебокон намемиранд! Дунё
Мунаввар мешавад аз меҳри эшон.
Зафар аз мост! Рӯзи ҷашни нусрат
Ба базм албатта меоем моён!

**_Виктор ГЮГО_**
*Фаронса*

## ШУНАВ АРЗИ МАРО, МАДЛЕН

Шунав арзи маро аз лутф боре, нозанин Мадлен;
Бувад имрӯз оғози баҳори сабзу атрогин,
Зимистон тарк бинмуд аз пагоҳӣ дашту саҳроро.
Ба тарфи ҷангалак боре қадамро ранҷа кун аз ноз,
Ки савти бостонии хушу ҷонпарвари най боз
Ба сайри дашти дуродур даъват мекунад моро.

Биё! Тавре ки ман имрӯз мебинам, аё Мадлен,
Замин тоза бадар бинмуда аз тан хилъати барфин,
Баҳор, инак, ба гулҳо обу ранги нав ато кардаст.
Агар н-ояд туро бовар, биё, бингар ба ин манзар;
Ба шабнам сохта пироҳани рангини худро тар,
Баҳор имшаб ба рӯи сабзаву себарга афшурдаст.

Чи хуш буд, оҳ, агар ман баррае мебудам, эй Мадлен,
Туро бар рӯи зону меғунудам лаҳзае ширин
Ва дасти нозуку нармат ҳамелағзид бар пуштам.
Хушо, гар будаме як мурғаки парвозии хушбол,
Ту ҳар гоҳам ба сӯи хеш мехондиву ман дарҳол
Зи авҷи осмон сӯят парафшон роҳ меҷустам.

Агар ман зоҳиди хилватнишине будаме, Мадлен,
Ту чун пӯзишталаб меомадӣ наздам ба Томбелен,
Дар он хилватгаҳи амну хамӯши порсоёна
Лабони нозуки худро ба ман наздик оварда,
Ҳама ҷурму гуноҳи духтариро фошу бе парда
Якояк мешумурдӣ дар ҳузурам бериёёна.

Чу берун мешавад аз инҳисори пираҳан, Мадлен,
Туро он синаи барҷаставу он соиди симин,
Сияҳмахмал зи зери доманат во мекунад оғӯш.
Ту аз шарму ҳаё бишкуфтаву бирбуда аз гул ранг,
Шитобон менамоӣ бо чунон дилсодагӣ оҳанг,
Ки миръоти ҳақиқатро кунӣ бо доианат рӯпӯш.

Чи хуш, гар метавонистам пайи чашмони худ, Мадлен,
Зи парвона бигирам чашҳои равшани шаббин,
Ман он гаҳ будаме дар тпрагӣ даҳчанд бинотар.
Ҳама шаб мекушодам болу пар сӯи шабистонат,
Паси тирезаҳои равшану шаффофу рахшонат
Сари шаб то саҳар ғалтону хезон мезадам пар-пар.

Худо шоҳид, ба он шарте, ки ёрам мешудӣ, Мадлен,
Сарои хеш медодам ба ҷои кулбаи лойин.
Гузар мекардам аз баҳри тамоми молу мулки худ.
Агар хоҳӣ, ризоям ман ба шуғли подабонӣ низ.
Нишаста бо ту дар як каппаи хомӯшу ҳузнангез,
Чу дар қасри забарҷад ҷовидон хушбахт хоҳам буд.

***Ҷорҷ БАЙРОН***
*Инглистон*

## ТУ-КУ ХУШБАХТ ҲАСТӢ

Ту-ку хушбахт ҳастӣ, фурсати он
Шуда акнун, ки ман ҳам бахт бинам.
Бикун бовар, чу собиқ аз дилу ҷон
Бароят хайрхоҳам ман кунун ҳам.

Зи эҳсоси ҳасад бар шавҳари ту
Сияҳ гаштаст рӯзу рӯзгорам.
Набошад дар миён гар хотири ту,
Димор аз рӯзгораш мебарорам.

Тавонад то ба лабханде гуворо
Кунад тифлат диламро реш алъон.
Вале бӯсида тифли бегунаҳро
Туро бинам ман андар чеҳраи он.

Туро мебинам андар чеҳрааш... Ӯ
Бувад гарчи падарро беш монанд.
Зи рӯи ӯ ду чашмони ту нуру
Сафои ишқи моро мефишонанд.

Видоъ, эй Мэри, акнун меравам ман,
Нахоҳам буд, ҳошо, садди роҳат.
Ту хушбахтӣ, мабод ин бор ҳам ман
Бигардам зомини бахти сиёҳат.

Ғуруру даргузашти вақт, гуфтам,
Кушанд ин оташи ишқи куҳанро,
Вале чун пеши чашмонӣ, дамодам
Бигирад оташам торафт боло.

Ба оромӣ кунун дардодаам тан,
Ба нафси хеш дорам ман ҳукумат.
Надорад қасди бад раҳ бар сари ман,
Асабҳо гаштаанд орому роҳат.

Ба рӯям ҳар қадар наззора созӣ
Нишони изтиробу ҳузн ҷӯён,
Намебинӣ, вале, имрӯз чизе
Ба ғайр аз тирагии яъс дар он.

Бас акнун! Меравам! Ёди куҳанро
Намегирам ба мисли ҳалқа бар гӯш.
Куҷоӣ, Мэри – ишқи ҷовидонам?!
Бимир, эй дил ва ё созаш фаромӯш!

# ҲУСНИ АНҶОМ

***Отусои ТЕҲРОНӢ***
*Эрон*

## МЕҲРОБ

*Тақдим ба шоири тоҷик*
*Мирзо Кенҷа*

Меҳробро дарёб
дар қиблагоҳи Ишқ,
дар зарроти мутабалвири оёти қуръонӣ
ва дар фазое ба ҳаҷми умед.
Меҳробро дарёб
дар номи Ӯ, ки ҷорист
дар нигоҳи гулбарге зебо…
Дар нақши як санг
ва дар азамати як осмонхарош,
меҳробро дарёб
дар ҳасратбораи Ишқ.
Он замон эҳсос хоҳӣ кард:
ҳастӣ ломакон асту лозамон.
В-он гоҳ вуҷудат ҳамоғӯш мегардад
бо ҷаҳоне ба вусъати Иштиёқ.
Меҳробро дарёб
он гоҳ, ки сайр мекунӣ
сарзамини рӯъёҳоро
дар майкадаи ҳастӣ.
ва дар муошиқаи мастона,
ки пок месозад
вуҷуди озурдааатро
аз ранҷи беадолатӣ,
аз захми тири нодон.
Ва Меҳробро дарёб
дар қурбонгоҳи Исмоил,

дар нуқтаи авҷи Раҳоӣ,
он гоҳ, ки қалбат дар андешаи бепоёни Висол
озод гашт зи занҷири вобастагӣ,
шинохт ва эътирофи қурбонӣ,
Эҳсос хоҳӣ кард ғубори олудагиро
бар замире равшан.
Ва ҷомаи рангини афкори дӯшизаат
раҳо мегардад аз султаи ин
дунёи фонӣ!
Ва бар ту мепӯшонанд
либоси эҳром,
ҷомаи сапеди Огоҳӣ.
Савори барикаи илоҳӣ
хоҳӣ рафт
то даргаҳи муқаддаси Ишқ.
Нидо мерасад:
«Аласту раббукум!»
Парда дар пеш аст
ва соати муқаддаси Ишқ
ва ҳарими амни илоҳӣ…
ва нигоҳат менигарад посбони ҳарамашро,
ки ҳушмандист.
Фармонравои ҳастӣ!
Он ҷой ту мемониву Ӯ
ва дигар ҳеҷ…

Меҳробро дарёб,
ки ба қалбат нест
ҷуз Ӯ фармонравое!
Ва он ҳангом, ки бипайвастӣ,
ай қатраи танҳо,
ба дарёи бекаронаи мастӣ,
Меҳробро дарёб,
ки Меҳроб ту ҳастӣ!

# МУНДАРИҶА

Баҳористони шеъри шоир. *Шаҳрияи Адҳамзод.* ...........3

## ЁДАФРӮЗ

Кӯдакони шаҳри Беслан *(манзума)* ................................8
Дидор *(манзума)* ...........................................................12
Ҷуфти шаҳпар .................................................................16
Дуои хайр .......................................................................18
Симурғ ............................................................................20
Меҳргузор .......................................................................21
Нигини ҳунар ..................................................................22
Хушхон ба назар омад ....................................................23
Шарфаи пои ошно ..........................................................24
Модари  аскарбачаҳо .....................................................25
Руҷӯъи Абубакр ...............................................................26
Покизагавҳар ..................................................................28
Руҷӯъи Шаҳром ...............................................................29
Ба шоира Гулчеҳра Сулаймонӣ .....................................30
Дуруде ба устодон Одина Ҳошим ва Зафар Нозим ....30
Дуруде ба Нигина Рауфова ............................................30
Дуруде ба Кароматуллоҳи Қурбон .................................30

## МЕҲРАФЗО

Таманно .........................................................................32
Духтари қонун .................................................................33
Дастагули ёд ...................................................................34
Инсонгаро .......................................................................35
Гулафшонӣ ......................................................................36
Шунав изтироби ӯро .......................................................38
Нусхаи поки падар ..........................................................39

Фарзанди Ватан ........ 40
Муллои зӯр ........ 41
Дар хатнасур ........ 43
Доғи ҳасрат ........ 44
Ёди афсона ........ 44

## ДИЛПОРАҲО

Ба устод Камол Насрулло ........ 46
Ба устод Гулназар ........ 46
Ба устод Саидалӣ Маъмур ........ 46
Ба устод Худоӣ Шариф ........ 46
Ба шоира Шаҳрияи Адҳамзод ........ 46
Ба Қутфинисо Мирзоева ........ 47
Ба сароянда Моҳрухсор Сафиева ........ 47
Ба адабиётшинос Музаффар Муҳаммадӣ ........ 47
Ба сароянда Сабоҳати Наҷмиддин ........ 47
Ба нашири маъруф Фарҳоди Карим ........ 47
Ба журналист Сафаргул Олимӣ ........ 48
Ба нашири варзида Наҷмиддини Зайниддин ........ 48
Ба Дӯстмурод Ӯроқов ........ 48
Ба сароянда Нигора Холова ........ 48
Ба журналист Валӣ Абдулло ........ 49
Ба табиб Абдулло Ташрифзода ........ 49
Ба сароянда Сурайё Қосимова ........ 49
Ба сароянда Манижа Давлатова ........ 49
Ба ҳунарпеша Ибодулло Машрабов ........ 49
Ба Бибиосия Ғуломова ........ 50
Ба Вилоят Мирзоева ........ 50
Ба Латофат Насриддинова ........ 50
Ба Бозгул Додхудоева ........ 50
Ба устод Давлатбек Хоҷаев ........ 50
Ба забоншинос Аъзамхонум Таваккулии Исфаҳонӣ .. 51
Ба устод Аҳмадҷон Неъматов ........ 51

Ба сароянда Лолаи Азиз ........................................ 51
Ба шоир Хайрандеш ........................................ 51
Ба шоира Маърифат ........................................ 51

## ТАМАННИЁТ БА ДӮСТОН

Ба Содиқи Назрӣ ........................................ 52
Ба полковник Искандари Ғаберӯдӣ ........................................ 52
Ба Шарофат ........................................ 52
Ба Сӯҳроби Олим ........................................ 52
Ба Замира ........................................ 53
Ба Абдувалӣ ........................................ 53
Ба Гулрухсору Моҳрухсор ........................................ 53
«Ин ҷашн муборакат, ки чилсола шудӣ» ........................................ 53
«Зодрӯзи ту муборак бошад» ........................................ 54
«Ҳарчанд висоли ту на бар коми ман аст» ........................................ 54
Ёди афсона ........................................ 54

## СОЯДАСТҲО

Дар китоби «Панҷаи хуршед» ........................................ 55
Дар китоби «Анҷумани дидор» ........................................ 55
Дар китоби «Шарфаи пои ошно» ........................................ 55
Дар китоби «Меҳрномаи Душанбе» ........................................ 55
Дар китоби «Наврӯзи Роғун» ........................................ 56
Дар китоби «Бахтофарин» ........................................ 56

## ДАР ҲОШИЯИ НАШРИЯҲО

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» ........................................ 57
Рӯзномаи «Садои мардум» ........................................ 57
Рӯзномаи «Чархи гардун» ........................................ 57
Рӯзномаи «Нидои ранҷбар» ........................................ 57
Рӯзномаи «Роҳи умед» («Нақлиёт») ........................................ 58

Рӯзномаи «Иқтисод ва андоз» («Боҷу хироҷ») .......... 58
Рӯзномаи «Барги сабз» .......... 58

## ДАР ҲОШИЯИ КИТОБҲО

Дар китоби «Сӯзи дил» .......... 59
Дар китоби «Рӯ ба меҳроби Ватан» .......... 59
Дар китоби «Фарёдҳо дар танҳоӣ» .......... 59
Дар китоби «Исми шаби ишқ» .......... 60
Пешнависи куллиёт .......... 60
Дар китоби «Оинаи ҳамроз» .......... 60

## КИТОБАҲО

Дар идораи молиёт .......... 61
Дар пояи муҷассамаи Темурланг .......... 61

РУБОИЁТ .......... 62
ДУБАЙТИҲО .......... 65

## НӮШХАНД

Сафар кардам ба Марғелон .......... 70
Қаттиқи оши зану шӯ .......... 73
Зиҳӣ, чойпулӣ .......... 74
Ма, ки дидум тура дар гушаи бом .......... 77
РАНГҲОИ ЗИНДАГӢ .......... 79
НИМХАНДАҲО .......... 89

## ЗАБОНИ ҲАМДИЛӢ

**Сергей Есенин (Руссия)**
«Рӯи ҳавзи гулоб ин бегоҳ» .......... 94
«Пухт гелосу рехт барфосо» .......... 95

**Роберт Рождественский (Руссия)**
Пажвоки ишқ ........................................................ 96
«Тухммонӣ меравад озодмоҳӣ» ............................ 97

**Левон Ананян (Арманистон)**
Қисмати хушкидае аз кӯли Севан ........................ 100
«Тавсани ман, битоз чобуктар» ........................... 102

**Совинар Багдасарян (Арманистон)**
Ёдатонро дар дилу дар дида дорам ...................... 103

**Максим Танк (Белоруссия).**
Ба Овидий ........................................................... 104

**Ҳамид Олимҷон (Ӯзбекистон).**
Муҳаббат ............................................................. 107

**Виктор Гюго (Фаронса).**
Шунав арзи маро, Мадлен .................................... 109

**Ҷорҷ Байрон (Инглистон).**
Ту-ку хушбахт ҳастӣ ........................................... 111

## ҲУСНИ АНҶОМ

**Отусои Теҳронӣ (Эрон).**
Меҳроб............................................................... 113

**МИРЗО КЕНҶА**

**ДАСТАГУЛИ ЁД**
*(Маҷмӯаи ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиши Лоиқ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 15.02.2011 супурда шуд. Чопаш 22.02.2011
ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 7.5.
Адади нашр 1000 нусха.

Нашриёти «Маориф ва фарҳанг»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734063. ш.Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар матбааи «Мир издателей» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к.Н.Қаробоев, 17, гузаргоҳи 1.